Бо қарори мушовараи Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30.12.2015, № 31/30
тасдиқ шудааст.

БАРНОМАИ ИМТИҲОН
аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

ПЕШГУФТОР

Татбиқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки бо ин мақсад Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шудааст, навсозии низоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТМК ва МТОК)-и ҷумҳурӣ, арзёбии одилонаи дониши довталабон, таъмини шаффофӣ ва дастрасии баробар ба имтиҳонҳои дохилшавиро дар назар дорад.

Вобаста ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 495 “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ гардид.

Мувофиқи талаботи қабули донишҷӯён ва бо назардошти хусусияти ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар МТМК ва МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон тайёр карда мешаванд, ММТНПҶТ аз фанҳои зерин саволу масъалаҳои тестро таҳия менамояд**:**

- забони тоҷикӣ,
- забон ва адабиёти тоҷик,
- математика,
- физика,
- химия,
- биология,
- география,
- таърих,
- асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон,
- забон ва адабиёти рус,
- забон ва адабиёти ӯзбек,
- забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ, забони немисӣ, забони франсавӣ ва забони арабӣ).

Барномаи имтиҳон аз ҳар фанни таълимӣ мувофиқи “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва бо назардошти талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мегардад.

“Барномаи имтиҳон” аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ҳуҷҷати меъёрӣ буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- мақсади имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва тавзеҳи он;
- талаботи фаннӣ ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик;

- шарҳи саволу масъалаҳои тест;
- мушаххасот (матритса)-и тести фанҳои забон ва адабиёти тоҷик;
- коркарди варақаи ҷавобҳои тест;
- намунаи варақаи ҷавобҳои тест.

МАҚСАДИ ИМТИҲОН АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ВА ТАВЗЕҲИ ОН

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз фанҳои асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (новобаста аз забони таҳсил) ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"(аз 4-уми июли соли 2013, № 537) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз 5-уми октябри соли 2009, № 553) ба танзим дароварда мешавад. Дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (бандҳои 1 ва 4) омадааст: **"Забони асосии таҳсил дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ мебошад". "Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмист".** Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (дар моддаи 3, банди 2) низ омадааст, ки **"Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад".**

Забони тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба сифати забони давлатӣ пазируфта шудааст, бинобар ин тамоми санадҳо ва ҳуҷҷатҳо бо ин забон навишта мешаванд. Инчунин, асарҳои адибони бузург Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Анварӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Зебуннисо, Бедил, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон бо забони тоҷикӣ таълиф гашта, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Аз ин рӯ лозим меояд, ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, сарфи назар миллаташ, забони давлатиро омӯзад ва дар шакли шифоҳиву хаттӣ фикрашро озодона баён созад.

Мақсади омӯзиши забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва адабиёти тоҷик ва супоридани имтиҳон аз ин фанни таълимӣ дар вазифаҳои мушаххаси зерин амалӣ мегардад:

- аз худ кардани маданияти муносибату муошират дар ҷараёни таълим, фаъолияти расмии коргузорӣ ва ҳаёти маишӣ, иҷтимоию фарҳангӣ;
- инкишофи маданияти маърифатии хонандагон, қобилияти забонию фикрии онҳо, амалан донистани забон ва фаро гирифтани маълумот доир ба он;
- ба даст овардани дониш дар бораи фарҳанг, таърих ва анъанаҳои халқи тоҷик;
- ташаккули маҳорат ва малакаҳои умумитаълим дар ҷараёни омӯзиши забон (кор бо китобу фарҳангҳо, дарки маъно ва шарҳи мухтасар ва ғайра).

Омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик ҳар шаҳрванди Тоҷикистонро вазифадор месозад, ки забони тоҷикиро аз худ намуда, фарҳангу адаби оламшумули халқи тоҷикро шиносад ва барои саҳм гузоштан дар рушди Тоҷикистон фаъолияти меҳнатию ҷамъиятии худро вусъат диҳад.

Вобаста ба ин, бо мақсади муайян намудани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба роҳ монда шудааст. Тест аз забон ва адабиёти тоҷик барои довталабоне, ки гурӯҳи 3-юми ихтисосҳоро (филология, педагогика ва санъат) интихоб намудаанд, имтиҳони ҳатмӣ буда, тавассути он саводнокӣ, малакаи забондонӣ (гуфтору навиштор), дониш ва малакаю маҳоратҳои адабии онҳо санҷида мешавад.

ТАЛАБОТ БА ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дар барномаи имтиҳон ҳадди ақали малакаю маҳоратҳои забонӣ ва адабӣ, ки барномаи таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намудааст, дар назар гирифта шудааст. Чунин малакаю маҳоратҳоро хонандагон бояд дар натиҷаи аз худ кардани ин ё он мавзӯи барномаи таълим нишон диҳанд. Яъне, дар баробари аз худ кардани мавзӯъҳои пешбинишуда (**донистан**) онҳо бояд дорои малакаю маҳоратҳои зарурӣ (**тавонистан)** низ бошанд.

Малакаю маҳоратҳои забонӣ:

- муайян кардани миқдори овозҳо ва ҳарфҳои калима, ҷудо кардани калимаҳо ба ҳиҷоҳо ва муайян намудани миқдори онҳо;
- шарҳ додани истилоҳҳо ва ҳодисаҳои фонетикӣ;
- муқаррар кардани ҷойи зада дар калимаҳо;
- дуруст навиштани калимаҳо мувофиқи қоидаҳои овозӣ ва имлои забони ададбии тоҷикӣ;
- ҷудо кардани калимаҳо ба умумиистеъмолӣ, шевагӣ, соҳавӣ ва иқтибосӣ;
- истифодаи таъбирҳо мувофиқи маънои лексикиашон;
- шарҳ додани маънои луғавии калимаҳои умумиистеъмолӣ ва таъбирҳо;
- интихоб кардани синониму антонимии муносиб ба калимаҳои додашуда;
- истифодаи таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва таҳрирӣ (хаттӣ);
- фарқ кардани калимаҳои сермаъно ва омонимҳо, маънои маҷозии калимаҳо;
- сохтани калимаҳо бо роҳҳои гуногун, истифодаи дурусти префиксу суффиксҳо дар калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;
- истифодаи дуруст аз луғатҳои тафсирӣ ва этимологӣ;
- истифодаи бамавриди пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, нидо, калимаҳои тақлидӣ дар ҷумла;
- сохтани ибораҳо (бо тарзҳои гуногун) аз калимаҳои додашуда;
- сохтани ҷумлаи дуруст бо риояи қоида ва тартиб;
- дарёфти ҳадафи баён (аз рӯйи ҷумла) ва муқаррар кардани воситаҳои ташкили ҷумла дар нутқи шифоҳӣ (оҳанги талаффуз, задаи мантиқӣ, таркиби калима) ва хаттӣ (аломатҳои китобат, таркиби калима);
- муайян кардани асосҳои грамматикии ҷумла;
- дар ҷойи худ истифода кардани сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла;
- фарқ кардани ҷумлаҳои сода аз ҷумлаҳои мураккаб, шарҳ додани навъҳои ҷумлаи мураккаб;
- муайян намудани мухотабу калимаҳои хулосакунанда дар ҷумла;
- истифодаи дурусти нутқи мазмунан ва айнан нақлшуда;
- муайян кардани услуби нигориши матн, тақриз ва анотатсия;

– навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, нома, дархост ва ғайра;
– гузоштани саволи риторикӣ, муайян кардани ғалатҳои услубӣ дар ҷумла.

Малакаю маҳоратҳои адабӣ:

– муайян кардани мавзӯъ ва ғояи (идеяи) асарҳои эпикӣ, лирикӣ ва драмавӣ;
– муайян кардани навъ, жанр, сюжет ва композитсияи асари адабӣ;
– таҳлили асари адабӣ, тафсиру тавзеҳи матнҳои адабӣ;
– ошкор намудани иртиботи байни ҳодисаҳои таърихию адабӣ;
– таҳлили симоҳои асарҳои адабӣ, баҳо додан ба симоҳои мусбату манфӣ ва муқоиса кардани онҳо;
– муайян кардани аҳамияти бадеию ахлоқӣ, илмию таърихии асарҳои адабӣ ва илмӣ;
– тавзеҳи эҷодӣ ва интиқодии матнҳои адабӣ;
– шарҳ додани робитаи байни ҷаҳонбинӣ ва эҷодиёти адибон, навовариҳои адибони ҷудогона;
– муайян кардани вазну қофияи шеър (дар мисоли мушаххас) ва санъатҳои лафзию маънавӣ.

Талабот ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, Барномаи таълими забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои V – XI (2006) ва Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V – XI (2007), ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, мувофиқат мекунад. Саволу масъалаҳои тест аз рӯйи барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мешаванд.

Дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи боб ва мавзӯъҳои зерини фанҳои забон ва адабиёти тоҷик санҷида мешавад.

Мундариҷаи фанни забони тоҷикӣ

Таърихи забони тоҷикӣ

Забони адабии ҳозираи тоҷик, ташаккул ва таҳаввули таърихии он. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Захираи асосӣ ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ. Роҳҳои бойшавии забон. Забони адабӣ (меъёр) ва тафовути он аз лаҳҷаю шеваҳо. Пайдоиши хат. Навъҳои хат дар ҳаёти халқи тоҷик. Табдили хат (алифбо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фонетика (овошиносӣ). Имло ва талаффузи дуруст

Овоз ва ҳарф. Алифбои забони тоҷикӣ. Овозҳои садонок ва ҳамсадо, таснифоти онҳо вобаста ба ҳаракати дастгоҳи нутқ. Имло (орфография) ва талаффузи дуруст (орфоэпия). Ислоҳоти имло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Имлои ҳарфҳои йотдор (йотбарсар), **и** ва **ӣ, у** ва **ӯ**, аломати сакта (ъ). Ҳодисаҳои фонетикӣ: ташдиди овозҳо, монандшавӣ, афтидан ва ҷойивазкунию бадалшавии онҳо. Ду шакли навишти баъзе калимаҳо.

Лексика ва лексикология. Воҳидҳои фразеологӣ

Таркиби луғавӣ. Маънои луғавию грамматикии калима. Якмаъноӣ ва сермаъноии калима. Калимаҳои ҳамгун ва зидмаъно (омоним ва антонимҳо). Вожаҳои наздикталаффуз (паронимҳо). Муродифоти луғавӣ (лексикӣ ва услубӣ). Калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ. Луғатҳои тафсирӣ ва дузабона. Калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ. Таърихи баромади калимаҳо (этимология).

Воҳидҳои фразеологӣ, фарқи онҳо аз таркибу ибораҳои озод. Хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ. Муродифоти воҳидҳои луғавӣ бо фразеологӣ. Муродифоти воҳидҳои фразеологӣ. Хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ.

Грамматика. Морфология (сарф)

Шаклсозӣ ва калимасозӣ. Сохти калима: реша, пасванд (суффикс) ва пешванд (префикс), асос ва бандак. Калимаҳои ҳамреша. Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Исм. Аломати морфологии исм. Шумора дар исм. Калимасозии исм. Исмҳои хос ва ҷинс, моддӣ ва маънӣ, кул ва ҷузъ. Ихтисораҳо. Вазифаи исм дар ҷумла. Имлои исм.

Феъл. Шахсу шумора дар феъл. Асосҳои феъл. Масдар. Тасрифи феъл. Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ. Феълҳои мутлақ ва давомдор. Феълҳои монда ва гузаранда. Сиғаҳои феъл. Замонҳои феъл. Сохти феъл: сода, сохта ва таркибӣ. Муродифот дар феъл. Масдар. Сифати феълӣ. Феъли ҳол. Вазифаи феъл дар ҷумла. Имлои феъл.

Сифат. Вазифаи сифат дар ҷумла. Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ. Дараҷаҳои сифат. Алоқаи сифат бо исм. Сохти сифатҳо: пешванду пасвандҳои сифатсоз. Роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккаб. Имлои сифатҳо.

Шумора. Хелҳои шумора: миқдорӣ (аслӣ, тахминӣ, касрӣ) ва тартибӣ. Сохти шумора. Имлои шумораҳои таркибӣ. Нумеративҳо ва мавриди истифодаи онҳо. Вазифаи шумора дар ҷумла. Имлои шумора.

Ҷонишин. Хелҳои ҷонишин: шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ. Тобишҳои маъноии ҷонишинҳои шахсӣ. Бандакҷонишинҳо (бандакҳои соҳибӣ). Вазифаи ҷонишин дар ҷумла. Имлои ҷонишинҳо.

Зарф. Аломатҳои морфологии зарф. Умумият ва тафовути зарф аз сифат. Хелҳои зарф: тарзи амал, замон, макон, миқдору дараҷа, сабаб ва мақсад. Сохти зарф: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Вазифаи зарф дар ҷумла. Имлои зарфҳо.

Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ.

Пешоянд ва пасояндҳо. Вазифаи грамматикии пешояндҳо ва пасояндҳо. Хелҳои пешоянд: аслӣ ва номӣ. Сохти пешояндҳо: содаи беизофа ва изофӣ; таркибии изофӣ ва беизофа. Пешояндҳои такрор. Фарқи пешоянд аз пешванд. Имлои пешояндҳо.

Пасояндҳои -ро, боз, барин, замон (дидан замон…) Ба ҷойи якдигар омадани (муродифоти) пешояндҳо ва пасояндҳо.

Пайвандакҳо. Вазифаҳои грамматикии пайвандакҳо. Хелҳои пайвандакҳо. Сохти пайвандакҳо: сода, мураккаб ва таркибӣ. Имлои пайвандакҳо. Муносибати пайвандакҳо бо аломати китобат – вергул.

Ҳиссача. Вазифаи ҳиссачаҳо дар нутқ (ҷумла). хелҳои ҳиссача: саволӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, таъкидӣ, маҳдудӣ ва орзумандӣ. Сохт ва имлои ҳиссачаҳо. Имло ва аломати китобат дар навишти ҳиссачаҳо.

Нидо. Вазифаи нидо дар ҷумла. Хелҳои нидо. Сохти нидо. Имлои нидо аломати китобат дар нидо. Калимаҳои таклидӣ ва тобишҳои маъноии онҳо.

Грамматика. Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат

Ибора. Алоқаи калимаҳо дар ибора. Хелҳои ибора: номӣ, феълӣ, зарфӣ. Хелҳои ибораҳои номӣ ва феълӣ. Алоқаи грамматикии калимаҳо дар ибора.

Ҷумла. Тарз ва воситаҳои грамматикии алоқаи калимаҳо дар ҷумла. Хелҳои ҷумла: сода ва мураккаб. Хелҳои иртиботӣ (коммуникативӣ)-и ҷумлаҳои сода: хабарӣ, амрӣ, саволӣ, хитобӣ. Мавқеи задаи мантиқӣ дар ҷумлаҳои саволӣ.

Аломатҳои китобат дар ҷумла.

Аъзоҳои ҷумла. Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла

Мубтадо ва ифодаи он. Мубтадо аз ҷиҳати таркиб. Ҷойи мубтадо дар ҷумла.

Хабар ва ифодаи он. Хелҳои хабар: феълӣ ва номӣ. Хабарҳо аз ҷиҳати таркиб: сода ва таркибӣ. Маънои луғавӣ ва грамматикии хабар. Мувофиқати хабар бо мубтадо ва воситаи грамматикии ифодаи он. Тире дар байни мубтадо ва хабар. Ҷойи хабар дар ҷумла.

Пуркунанда ва ифодаи он. Хелҳои пуркунанда: бевосита ва бавосита. Ҷойи пуркунанда дар ҷумла. Муайянкунанда ва ифодаи он. Муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофа. Воситаҳои грамматикии алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда. Баёния.

Ҳол ва хелҳои он: замон, макон, миқдору дараҷа, тарзи амал, сабаб ва мақсад, шарт ва хилоф. Ифодаи ҳол. Ҷойи ҳол дар ҷумла.

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба, хулас ва тафсилӣ. Ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахс, умумишахс ва бешахс. Ҷумлаи унвонӣ.

Ҷумлаҳои пурра ва нопурра. Ҷумлаҳои чидааъзо. Аломати китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо. Аъзои истисноии ҷумла, баёнияи истисноӣ. Мухотаб. Воҳидҳои туфайлӣ. Аломатҳои китобат дар онҳо. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Аломатҳои китобат дар нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда.

Ҷумлаҳои мураккаб ва хелҳои он: пайваст ва тобеъ, пайвандакдор ва бепайвандак. Сарҷумла (ҷумлаи тобеъкунанда) ва ҷумлаи пайрав (ҷумлаи тобеъшаванда). Хелҳои ҷумлаи пайрав. Мавқеъ ва истифодаи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаб.

Муродифоти нахвӣ. Муродифоти воҳидҳои гуногуни забон: ибора, ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб.

Услубшиносӣ. Матн, моҳият ва сохтори маъноиву грамматикии он.

Услубшиносӣ ва ҳусни баён. Риояи меъёрҳои забон дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

Услуби бадеӣ. Хусусиятҳои луғавӣ, фразеологӣ ва калимасозӣ дар услуби бадеӣ. Мавқеи калимаҳои адабии китобӣ, гуфтугӯйӣ, омиёна, вожаҳои куҳнашуда (таърихию архаистӣ), нав (неологизмҳои луғавию услубӣ), калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар услуби бадеӣ. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ (сермаъноӣ, маънои маҷозӣ, вожаҳои наздикталаффуз, ҳамгун, ҳаммаъно ва зидмаъно (омоним, синоним ва антонимҳо) дар услуби бадеӣ.

Услуби рӯзноманигорӣ (публисистӣ). Мавқеи ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дар матни нашрия ва барномаҳои радиову телевизион. Мавқеи истилоҳоти маишӣ. Хусусиятҳои забони жанрҳои хабар, сармақола, очерк, мусоҳиба.

Услуби коргузории расмӣ. Калимаю истилоҳҳои хоси муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, созмону ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ. Таъбирҳои маъмули коргузории маъмурӣ. Жанрҳои ҳуҷҷатнигорӣ, номанигорӣ (мурсалот)-и расмию ғайрирасмӣ.

Услуби илмӣ. Калимаҳои якмаъно – истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илму техника. Дақиқ ифода кардани фикр дар услуби илмӣ.

Услуби муошират. Воҳидҳои фразеологии хоси гуфтугӯ, калимаю истилоҳоти касбию ҳунармандӣ. Бо муколима ифода гардидани баёни фикр дар услуби муошират.

Матн ва сохтори маъноӣ ва грамматикии он. Навъҳои матн аз лиҳози ҳаҷм. Сархат (абзатс). Навъҳои матн аз ҷиҳати тарзи баёни матлаб. Навъҳои матн аз лиҳози услубҳои баён. Таҳрири нуқсонҳои забонию услубии матн.

Саволи риторикӣ ва мавқеи он дар матнҳои бадеиву рӯзноманигорӣ. Матни фишурда (тезис) ва муфассал (конспект). Тақриз, аннотатсия ё маълумотнома.

Санъатҳои бадеӣ дар забон

Санъатҳои маънавӣ: таносуби калом; ба маънои маҷозӣ омадани калимаҳо: ташбеҳ, муболиға, тавсиф, таҷнис, саволу ҷавоб, ташхис ва талмеҳ. Санъатҳои лафзӣ: саҷъ ва насри мусаҷҷаъ.

Мундариҷаи фанни адабиёти тоҷик

Адабиёти шифоҳӣ (фолклор). Адабиёти шифоҳӣ – манбаи адабиёти китобӣ. Мавзӯъ, мазмун ва арзиши адабиёти шифоҳӣ

Наъҳои адабии хоси адабиёти шифоҳӣ. Афсона ва навъҳои он. Латифаҳои халқӣ. Зарбулмасалу мақол. Суруду тарона. Рубоӣ ва дубайтӣ. Чистон. Нақлу ривоят.

Насри ривоятӣ. «Достони Бӯрондухт ва Искандар» (аз «Доробнома»). Хиёнати аъробӣ» (аз «Ҳазору як шаб»). «Калимоти кохи Афредун» (аз «Синбоднома»).

Ҳаёти адабӣ. Вазъи адабиёти тоҷик дар асрҳои VIII - XXI

Пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи адабиёти тоҷик: адабиёти аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Пайдоиши забони порсии дарӣ (форсӣ)-тоҷикӣ ва ривоҷи адабиёт бо ин забон.

Адабиёти арабизабони тоҷик (асрҳои VIII - IX). Шикасти давлати Сосониён. Устувор шудани хилофати араб дар Хуросону Мовароуннаҳр. Ҷунбиши шуубия, муборизаи зидди арабҳо. Тарҷумаи осори қадимаи тоисломӣ ба забони арабӣ. Адибони эронитабори арабизабон. Муҳтавои асосии адабиёти арабизабони тоҷик.

Адабиёти тоҷик ба забони порсии дарӣ (асри IX). Аввалин манзумаҳо ба забони порсии дарӣ. Ташкил шудани давлатҳои ниммустақили Тоҳириён (821-873) ва Саффориён (867-903). Шоирони порсигӯи асри IX.

Ҳаёти адабии асри X. Ташкили нахустин давлати мустақили тоҷикон – Сомониён. Рушди забон ва адабиёти тоҷик. Намояндагони маъруфи асри X ва муҳтавои шеъри онҳо. Насри бадеӣ дар асри X. Ривоҷи «Шоҳнома»-нависӣ.

Ҳаёти адабии асрҳои XI-XII. Шикасти давлати Сомониён, ишғоли Бухоро аз тарафи Қарохониён. Ташкили давлати Ғазнавиён. Анвои шеър ва рушди наср. Қасида ва қасидасароёни бузург: Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ. Ҷараёни тасаввуф ва таъсири он ба адабиёт, шоирони машҳури мутасаввиф.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ дар асрҳои XIII-XIV. Ҳуҷуми муғул, суқути илму дониш дар Мовароуннаҳру Хуросон. Фирори адибону донишмандон ба Ҳинду Осиёи Хурд, Озарбойҷону Форс. Ташкили давлати Элхониён. Давлати ягонаи Темур дар охири асри XIV. Ривоҷи илму фарҳанг ва таъсиси ҳавзаҳои адабиёти тоҷик дар Ҳинд, Форс, Озарбойҷон ва Рум (Осиёи Хурд). Ривоҷи таърихнигорӣ, таърихшиносони маъруф. Ривоҷи улуми адабӣ, тазкира, китобҳои шеършиносӣ, таълимӣ, луғатномаҳо. Ривоҷи ғазал ва ғазалсароӣ. Адибони маъруфи ин давраҳо.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ дар асри XV. Ҳокимияти Темуриён дар Хуросону Мовароуннаҳр, марказҳои сиёсӣ ва ҳунармандӣ. Ривоҷи санъатҳои нафиса (мусиқӣ, наққошӣ, хаттотӣ). Марказҳои илмию адабии Самарқанд ва Ҳирот. Рушди илмҳои адабӣ. Таърихнигорон ва нависандагон.

Ҳаёти адабӣ дар асрҳои XVI-XVII. Фурӯпошии давлати Темуриён. Ташкили давлати Шайбониён, Сафавиён (дар Эрон) ва Аштархониён. Низоъҳои мазҳабӣ ва ҷудоии Осиёи Марказӣ ва Эрон. Ташкили давлати Темуриёни Ҳинд. Ҳавзаҳо ва марказҳои адабӣ дар Осиёи Марказӣ, Эрон ва Ҳинд. Тазкира ва тазкиранависон. Навъҳои шеър дар ин давраҳо.

Ҳаёти сиёсӣ ва илмию адабӣ дар асрҳои XVIII-XIX. Бар сари қудрат омадани хонадони Манғитиҳо дар Бухоро. Хонигариҳои Хева, Бухоро ва Қӯқанд. Ҳавза ва марказҳои адабӣ дар Бухоро, Қӯқанд ва Хева (Урганҷ). Ривоҷи сабки ҳиндӣ ва мактаби адабии Мирзо Абдулқодири Бедил. Осиёи Марказӣ (Аморати Бухоро ва дигар хонигариҳо)-ро забт намудани Русия. Тағйирот дар низоми иҷтимоӣ. Ташкили мактабҳои русӣ, интишори рӯзномаву маҷаллаҳо, нашри китобҳо. Ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварӣ-равшангарӣ, омилҳои пайдоиш ва ривоҷи он. Нукоти асосии маорифпарварӣ-равшангарӣ. Бедории фикрӣ ва вусъати ҷаҳонбинии ҷомеаи тоҷикон.

Ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар оғози садаи XX. Адабиёти ҷадидия, сабабҳои иҷтимоӣ ва зеҳнии пайдоиши он. Мавзӯъ, мазмун ва ҳадафҳои иҷтимоию мафкуравии адабиёти ҷадидия. Ҷамъияти «Тарбияи атфол», ширкати «Бухорои шариф». Ширкати «Баракат» ва китобхонаи «Маърифат»-и ҷавонбухориён ва масъалаҳои бедории фикрӣ ва озодихоҳӣ. Шеъри ҷадидия. Намояндагони машҳури адабиёти ҷадидия.

Ҳаёти илмию адабӣ дар давраи Шӯравӣ. Инқилоб дар Русия ва Бухоро. Барқарор шудани давлати Шӯравӣ дар осиёи Марказӣ. Ташкили ҶШС Тоҷикистон. Марҳилаҳои инкишофи адабиёти шӯравии тоҷик: дар солҳои 20-ум ва 30-юм ва замони ҷанг. Адабиёти баъди ҷанг ва солҳои 60-80-ум. Раванди инкишофи адабиёт, муносибат ба анвои суннатӣ ва навъҳои тозаи адабӣ: қисса (повест), очерк, роман. Пайдоиш ва инкишофи драматургия. Рушди танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ. Таъсири адабиёти рус ва халқҳои ҷаҳон ба адабиёти нави тоҷик.

Адабиёти давраи истиқлолият. Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Самтҳои асосии инкишофи адабиёт. Тасвири рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри шоирон, дар наср ва драматургия.

Адабиёти давраи қадим. «Авасто» ва мундариҷаи он. Муҳтавои «Гоҳон» – куҳантарин бахши «Авасто». Мазмун ва шакли мунозиравии «Дарахти Асурик». Мазмуни «Андарзи Озарбади Мехраспандон». Мазмун ва сохти «Корномаи Ардашери Бобакон». «Андарзнома»-и Бузургмеҳри Ҳаким. Масъалаи ҳифзи марзу бум дар «Ёдгори Зарирон».

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Анвои шеъри шоир. Панду андарзҳо. Маснавӣ ва ғазалҳо. Таърихи сурудани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» (аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ). Қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ» ва «Модари май». Шеъри Рӯдакивор. Забон ва услуби шеъри Рӯдакӣ.

Абӯмансури Дақиқӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. «Шоҳнома» («Гуштоспнома»)-и Дақиқӣ ва муносибати он бо «Ёдгори Зарирон». Қасида ва ғазалҳо.

Абулқосими Фирдавсӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Фирдавсӣ ва Султон Маҳмуд. «Шоҳнома» ва қисмҳои он. Ғояи асосии достонҳои «Шоҳнома». Пандномаи Фирдавсӣ. Фирдавсӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии ҳамосасароӣ. Шуҳрати ҷаҳонии «Шоҳнома».

Абӯалӣ ибни Сино. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси илмӣ ва адабӣ. Ривоятҳо дар бораи Сино. Қасидаҳои арабӣ ва ашъори форсӣ.

Фаррухии Систонӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Қасидаҳо.

Боботоҳири Урён. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ. Дубайтиҳо.

Абдуллоҳи Ансорӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Панду андарзҳо.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. «Чаҳор мақола» ва аҳамияти илмию адабии он.

Асадии Тӯсӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Аҳамияти адабии «Луғати фурс». «Гаршоспнома» (фаслҳои «Ҷону тан» ва «Разми Гаршосп»)

Низомулмулки Тӯсӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Ҳикоятҳо аз «Сиёсатнома».

Саъдуддини Варовинӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Достонҳои «Хурӯс ва рӯбоҳ», «Хусрав ва марди зиштрӯй», «Муш ва мор».

Унсурулмаолии Кайковус. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Ҳикояҳо аз «Қобуснома». Аҳамияти тарбиявии «Қобуснома».

Носири Хусрав. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси илмӣ ва адабӣ. Қасидаҳо. «Сафарнома» ва аҳамияти таърихию адабии он. Панду андарзҳо аз маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома». «Кушоиш ва раҳоиш».

Масъуди Саъди Салмон. Қасидаи ҳабсияи «Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам» ва қитъаи «То тавонӣ, макаш зи мардӣ даст».

Аҳмади Ҷомӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ. Ғазалҳо.

Умари Хайём. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси илмӣ ва адабӣ. Рубоиёт. Мазмун ва мундариҷаи «Наврӯзнома».

Саноии Ғазнавӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Қасида, қитъа, рубоӣ, ғазалҳои ирфонӣ дар «Девон»-и Саноӣ. Маснавиҳои шоир.

Абулмаолии Насруллоҳ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Мазмун, сохт ва сарчашмаҳои асосии «Калила ва Димна».

Фаромарз ибни Худодод. Мазмун ва ғояи марказии достони «Самаки айёр».

Анвариии Абевардӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Анварӣ – шоири қасидасаро. Қасидаи «Ашкҳои Хуросон». Мазмун ва хусусияти бадеии ғазалиёт.

Фаридуддини Аттор. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Ҳикояҳо аз «Мантиқ-ут-тайр» ва «Тазкират-ул-авлиё». Шарҳи водиҳои сулук дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр». Таркиби девони Аттор.

Хоқонии Шарвонӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Қасидаи «Айвони Мадоин» ва маснавии «Туҳфат-ул-ироқайн».

Низомии Ганҷавӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Достонҳои «Хамса». Мавзӯъ ва мазмуни «Махзан-ул-асрор», «Ҳафт пайкар» ва «Искандарнома» (ҳикояҳои «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша», «Султон Санҷар ва пиразан»,

достони «Хайр ва Шар»). Достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун». Ҷойгоҳи достонҳои Низомӣ дар адабиёти форсӣ (тоҷикӣ).

Муҳаммади Ғазолӣ. Ҳикоятҳо аз «Насиҳат-ул-мулук».

Саъдии Шерозӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Мазмун ва мундариҷаи «Гулистон» ва «Бӯстон». Қасидаҳо ва ғазалҳо. Сабки нигориши асарҳои Саъдӣ. Панду андарзҳои Саъдӣ. Шуҳрати ҷаҳонии Саъдӣ.

Ҷалолуддини Балхӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалҳо («Куллиёт»-и Шамси Табрезӣ). «Маснавии маънавӣ» ва сохту мазмуни он (ҳикоятҳои «Бозаргон ва тӯтӣ», «Марди аблаҳ ва хирс», «Табиб ва бемор», «Луқмон ва ғуломон», «Марди баққол ва тӯтӣ», «Чӯҳӣ»). Панду андарзҳо.

Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Хамса», сохт ва таркиби он. Ғазалҳо. Қасидаи «Дарёи аброр». Достони «Дувалронӣ ва Хизрхон».

Сайфи Фарғонӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Девон». Қасидаҳои «Андар ин даврон маҷӯ роҳат, ки кас осуда нест» ва «Ай сабо, бо дами ман кун нафасе ҳамроҳӣ», «Манам, ёро, бад-ин сон уфтода». Қитъаи «Оташ аст оби дидаи мазлум».

Ҳофизи Шерозӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Мавзӯъҳои иҷтимоӣ, шикоят аз замон, ишқӣ ва риндию озодандешӣ дар ғазалҳои Ҳофиз.

Камоли Хуҷандӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Мавзӯи ишқу муҳаббат ва масъалаҳои иҷтимоӣ дар ғазалҳои Камол.

Фахриддини Розӣ. Матнҳо доир ба сангҳои қиматбаҳо (лаъл, зумуррад, фирӯза, марворид) ва истифодаи онҳо.

Убайди Зоконӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Шеърҳо. Маснавии «Ушшоқнома», манзумаи «Мушу гурба». «Рисолаи дилкушо», мазмуни иҷтимоӣ ва ҳаҷвӣ дар ҳикоя ва латифаҳои он. Рисолаҳои «Даҳ фасл» («Таърифот»), “Сад панд”.

Ибни Ямини Фарюмадӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Панднома» (қитъаҳои «Бузургӣ дар чист?», «Дӯсте ба даст ор», «Ҳар кӣ бандад камар ба хидмати халқ», «Фарзанди ҳунарманди ман…», «То чанд бошад…», «Дар қисса шунидем…»).

Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ҳикоятҳо аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт», мавзӯи шеърҳо. Тазкираи «Лубоб-ул-албоб» ва аҳамияти адабию таърихии он.

Зиёуддини Нахшабӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ҳикоятҳо аз «Тӯтинома».

Носири Бухороӣ. Ғазалҳои «Рафтем аз диёри ту…», «Бигзар, ай оқилу…», «Омад баҳору мавкаби гулҳо расидааст».

Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Ҳафт авранг» ва таркиби он. Мундариҷаи «Баҳористон». Ҳикоятҳо аз «Баҳористон», «Силсилат-уз-заҳаб», «Нафаҳот-ул-унс». Ғазалиёт. Қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор». Достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» ва «Хирадномаи Искандарӣ».

Алишери Навоӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Хамса». Шеърҳо ба забони форсӣ (тоҷикӣ). Мазмуни «Хамсат-ул-мутаҳайирин». Қасидаи «Туҳфат-ул-афкор».

Камолуддини Биноӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Достони «Беҳрӯзу Баҳром». Ғазалҳо.

Бадриддини Ҳилолӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Маснавиҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сифот-ул-ошиқин» ва «Шоҳу Дарвеш». Қитъа, рубоӣ ва ғазалҳо.

Абулфазли Майбадӣ. Ҳикоятҳо аз «Кашф-ул-асрор».

Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ҳикоятҳо аз «Анвори Суҳайлӣ» ва «Ахлоқи Муҳсинӣ» («Гунҷишк ва сусмор», «Ҳикояи моҳигир», «Тадбири маймунҳо», «Кабки дарӣ»). «Анвори Суҳайлӣ» – нусхаи «Калила ва Димна». «Футуватнома» – китоби дастури одоб ва рафтор.

Самандахоҷаи Тирмизӣ. Ҳикоятҳо аз «Дастур-ул-мулук».

Зайнуддин Маҳмудӣ Восифӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (ҳикояҳои «Зиёрати Ҷомӣ», «Беҳзод ва сурати Навоӣ», «Паҳлавон Абӯсаид…». Аҳамияти илмию таърихӣ ва адабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Шеърҳо.

Абдураҳмони Мушфиқӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ.

Ашъори лирикӣ. Маснавии «Гулзори Ирам».

Шавкати Бухороӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалҳо.

Нозими Ҳиротӣ. Ғазалҳои «Ҳама касро ҳунар намебошад», «Сарам аз бори ғам…», «Хами мӯйи ту…», «Боз ид омад…».

Сайидои Насафӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалҳо. Достони «Баҳориёт». Аҳамияти завқӣ ва тарбиявии «Баҳориёт». Тасвири аҳли ҳунар дар маснавии «Шаҳрошӯб». Мусаммати мухаммас.

Соиби Табрезӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Мусамматҳо ва ғазалиёт. Таъсири Соиб ба адибони асрҳои минбаъда.

Абдулқодири Бедил. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Асарҳои назмӣ ва насрӣ. Ақидаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқию ишқӣ дар ашъори Бедил. Достони «Комде ва Мадан». Таъсири Бедил ба адибони тоҷик дар асрҳои минбаъда.

Мирзосодиқи Муншӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёт ва қитъаҳо. Маснавии «Дахмаи шоҳон».

Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. «Девони ғазалиёт». Достони «Юсуф ва Зулайхо».

Муҳаммадшарифи Гулханӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёти форсӣ. Асари насрию тамсилии «Зарбулмасал».

Қоонии Шерозӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Қасидаҳо ва асари насрии «Парешон».

Аҳмади Дониш. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Сафарҳои Аҳмади Дониш ба Русия. Муҳтавои «Наводир-ул-вақоеъ», андешаҳои равшангарӣ ва ислоҳотхоҳӣ дар асар (ҳикоятҳои «Ҷанги танбатан», «Шукурбек», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Адолати шер»). «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития». Дониш ва дигар маорифпарварони тоҷик.

Абдулқодирхоҷаи Савдо. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ашъори ғиноӣ. Асари насрии «Музҳикот».

Шамсуддини Шоҳин. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёт. Манзумаҳои «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва «Туҳфаи дӯстон». Достони «Лайлӣ ва Маҷнун».

Муҳамммад Сиддиқи Ҳайрат. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёт.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёт. Арзиши таърихӣ ва ҷуғрофии «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик». Манзумаи «Кони лаззат ва хони неъмат». Асари ҳаҷвии «Ақоид-ун-нисо».

Нақибхони Туғрал. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Навъҳои асосии шеъри Туғрал. Пайравӣ ба адибони пешин ва Абдулқодири Бедил.

Тошхоҷаи Асирӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Навъҳои шеъри Асирӣ. Қасидаҳои «Одамият» ва «Мактаби қадим ва ҷадид» Маснавии «Ҷӯйи Бекобод».

Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ғазалиёт. Маснавии «Комде ва Мадан».

Абдурауфи Фитрат. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси илмӣ ва адабӣ. Маҷмӯаи ашъор: «Сайҳа». Асарҳои насрии «Мунозара», «Роҳбари наҷот», «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ». Қиссаи «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ».

Садриддин Айнӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси илмӣ ва адабӣ. Шеърҳои инқилобӣ ва иҷтимоии Айнӣ. Қиссаҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина» ва «Марги судхӯр». Очеркҳои таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ». Романи «Ғуломон». Мавзӯъ ва мазмуни «Ёддоштҳо». Образи донишмандон ва равшанфикрон дар «Ёддоштҳо». Аҳамияти илмию адабии «Ёддоштҳо». Фаъолияти илмии Айнӣ. Ҷавҳари «Намунаи адабиёти тоҷик». Айнӣ – равшангари бузурги таърих.

Абулқосим Лоҳутӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Ашъори Лоҳутӣ дар солҳои 1907-1922. Ашъори Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ. Фаъолияти тарҷумонии Лоҳутӣ. Қасидаи «Кремл». Достонҳои «Ғалабаи Таня» ва «Мардистон». Шеърҳои тоҷикистонии Лоҳутӣ.

Пайрав Сулаймонӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Мавзӯъ ва мазмуни шеърҳои Пайрав. Шеърҳои “Фироқнома”, «Асира ё худ исён» ва «Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо». Манзумаи «Тахти хунин».

Ҳабиб Юсуфӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Шеърҳои «Ишқи Ватан», «Ба Ватан», «Ватани дил», «Ба ҳар куҷот равам…», «Ман Ватанро беш аз ҳар вақта дорам дӯсттар».

Мирзо Турсунзода. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Шеърҳои лирикӣ: мавзӯи ишқ, ахлоқ ва васфи занону модарон. Мавзӯъҳои байналхалқӣ ва сулҳу дӯстӣ – силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Рӯди Ганг», «Дар орзуи ошён», «Сайёҳи Ҳинд», «Меҳмони мағрибӣ», «Духтари муқаддас», «Суруди сулҳ», «Дӯстонро гум макун». Достонҳои «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин», «Писари Ватан» ва «Ҳасани аробакаш». Асарҳои драмавӣ. Либреттои «Тоҳир ва Зӯҳро». Турсунзода – шахсияти барҷастаи фарҳангию иҷтимоӣ.

Боқӣ Раҳимзода. Шеърҳои «Муаллим», «Халқи бузургворам».

Эраҷ Мирзо. Шеърҳои «Қадри модар», «Иди Наврӯз», «Қадри устод».

Халилуллоҳи Халилӣ. Шеърҳои «Ҳадя ба модарам», «Наврӯзи оворагон», «Шикаста боле».

Абдулҳақи Бетоб. Шеърҳои «Сахту мушкил», «Неъмати истиқлол», «Ғурури хоҷа» ва «Мабод».

Маликушшуаро Баҳор. Шеърҳои «Чашма ва санг», «Варзиш», «Ҳама рафтанд», «Аз қафас озод кунед».

Фотеҳ Ниёзӣ. Порчаҳо аз романи «Вафо».

Сотим Улуғзода. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Повести «Ривояти суғдӣ». Қиссаҳои «Ёрони боҳиммат» ва «Субҳи ҷавонии мо». Романҳои «Навобод», «Восеъ» ва «Фирдавсӣ». Фаъолияти драматургии Улуғзода. Асарҳои драмавӣ дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Аҳмади Дониш, Восеъ. Драмаи «Ҷавонии Ибни Сино».

Ҷалол Икромӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Романи «Ман гунаҳгорам». Романи сегонаи «Духтари оташ».

Раҳим Ҷалил. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Ҳикояҳои ҳаҷвии «Марги хушомадхӯҷа» ва «Васвасабону». Романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб».

Мирсаид Миршакар. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Достонҳои «Панҷи ноором», «Ленин дар Помир», «Ливои зафар», «Исёни хирад». Шеърҳои лирикӣ. Ашъори бачагона.

Муҳиддин Аминзода. Шеърҳои «Таълими умумии маҷбурӣ», «Хӯша ва деҳқон», «Бесаводӣ балои ҷон бошад», «Тешабой», «Рапорти баҳорӣ», «Баҳори нав», «Мо ҷанг намехоҳем», «Имзо мекунем», «Ба фарзандам».

Фазлиддин Муҳаммадиев. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Ҳикояҳои «Даъво», «Рӯзи дафнии Усто Оқил», «Сози Мунаввар». Қиссаи «Одамони куҳна». Романи «Палатаи кунҷакӣ».

Аминҷон Шукӯҳӣ. Шеърҳои «Мо толиби сулҳем», «Шаҳри азизам» ва «Ҳурмати мӯйи сафедаш».

Абдумалик Баҳорӣ. Қиссаи «Ду моҳи пурмаҳал».

Ғаффор Мирзо. Шеърҳои «Дӯст», «Дар сари гаҳвора», «Шараф». Достони «Тоҷи давлат».

Мӯъмин Қаноат. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ. Ашъори ғиноӣ. Шеърҳои «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ», «Обшор», «Дар паноҳи шохсорон», «Нарав, қуи сафеди ман», «Давоми нек роҳатро», «Гули бодом» ва «Тахти Ҷамшед». Достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Сурӯши Сталинград» ва «Китобҳои захмин».

Ҷумъа Одина. Қиссаи «Иншо дар мавзӯи озод».

Лоиқ Шералӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, мероси адабӣ. Мавзӯи ашъори Лоиқ. Модарнома. «Фарёди бефарёдрас» - дардномаи миллат.

Бозор Собир. Ҳаёт ва эҷодиёт. Худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори Бозор. Шеърҳои «Дар оғӯши кӯҳистон», «Забони модарӣ», «Теғи Сино», «Ман худамро кушта-кушта», «Асп».

Сайф Раҳимзоди Афардӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт, мероси адабӣ. Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр».

Саттор Турсун. Ҳаёт ва эҷодиёт. Қиссаи «Санг дар баҳал ба тӯфон».

Меҳмон Бахтӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт. Шеърҳо ва сурудҳо. Асарҳои драмавии «Фирдавсӣ» ва «Шоҳ Исмоили Сомонӣ».

Гулназар Келдӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт. Шеърҳои «Модарамро ба хоб дидам», «Замин чун модари ман масти хоб аст», «Модари ҷаҳонгирам». Суруди милли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Абдулҳамид Самадов. Ҳаёт ва эҷодиёт. Қиссаи «Парончакҳо».

Сафармуҳаммад Айюбӣ. Шеърҳо. Драмаҳои «Амир Исмоил» ва «Даҳиқӣ».

Мафҳумҳои адабӣ

Қолаби сухан. Вазнҳои шеъри тоҷикӣ. Ҳиҷо, рукн ва вазни шеър. Навъҳои солим ва фаръии баҳрҳои арӯз. Қофия ва ҳарфҳои он. Навъҳои қофия. Садонокҳои кӯтоҳ (ҳаракатҳо) дар қофия. Радиф.

Навъҳои калом: наср ва назм. Ҷинсҳои асосии адабӣ: лирика, ҳамоса ва дарама. Жанрҳои адабӣ. Жанрҳои хоси адабиёти шифоҳӣ: *суруду тарона, рубоӣ ва дубайтӣ, чистон, латифа, нақлу ривоят, зарбулмасал ва мақол.* Жанрҳои ҳамосӣ *(тамсил, ҳикоя, новелла, баллада, повест (қисса), қиссаи мустанад (очерк), достон, роман, сафарнома, ёддошт)*; драмавӣ *(фоҷиа, мазҳака, мелодрама, водевил)*; лирикӣ (шеъри ғиноӣ – *рубоӣ, қитъа, маснавӣ, ғазал, қасида, мусаммат, тарҷеъбанду таркиббанд, мустазод, фард).*

Равиши эҷоди бадеӣ ва навъҳои тасвир. Образи бадеӣ. Анъана ва навоварӣ. Романтизм ва реализм. Сужет ва устухонбандии асари бадеӣ.

Санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ: *ташбеҳ, маҷоз, муболиға, истиора, киноя, таҷнис, таҷоҳули ориф, тазод ва муқобала, талмеҳ, санъати лутф, ташхис, тазмин ва назира, суолу ҷавоб, муаммо, чистон (лугз), таҷнис, тарсеъ, таносуби сухан, бароати истеҳлол, муроти назир, мудаввар ва мусаммат. Саҷъ ва навъҳои он.*

ШАРҲИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

Субтести забон ва адабиёти тоҷик аз 20 саволу масъалаи навъи зерин иборат аст:

- **савол бо интихоби як ҷавоби дуруст.** *Барои ҳар саволу масъала чор варианти ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дуруст аст;*
- **муайян кардани мувофиқат.** *Дар чунин навъи масъала ба калима ва ҷумлаҳо, ки дар сутуни якум дода шудааст, аз сутуни дуюм ҷавоби мувофиқ ва дуруст (яке аз ҷавобҳои пешниҳодгардида зиёдатист) интихоб карда мешавад.*

Меъёри баҳо ба ҳар саволу масъалаи тест, вобаста ба навъи он, дар ҷадвали 1 дода шудааст.

Ҷадвали 1. Навъи саволу масъала ва меъёри баҳо

№ т/р	Навъи саволу масъалаи тест	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	1
2.	Муайян кардани мувофиқат	4

Ба ҳар ҷавоби дурусти саволҳои навъи якум (саволҳои 1 – 15) **1 хол** дода мешавад. Холи имконпазири ҳадди аксар барои пурра муайян намудани мувофиқати саволу масъалаҳои навъи дуюм (саволҳои 16 – 20) **4** аст.

Вобаста ба навъи саволу масъалаҳо ва меъёри баҳо миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва миқдори холи имконпазири ҳадди аксари субтести забон ва адабиёти тоҷик дар ҷадвали 2 дода шудааст.

Ҷадвали 2. Миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва холи имконпазири ҳадди аксар

№ т/р	Фанни имтиҳон	Миқдори саволу масъала	Вақти иҷрои тест/дақиқа	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Забон ва адабиёти тоҷик	20 (15+5)	55	35

Вақти иҷрои тест ба дараҷаи душвории саволу масъалаҳо вобаста аст. Барои пурра ҷавоб гуфтан ба 20 саволу масъалаи тести забон ва адабиёти тоҷик 55 дақиқа муайян гардидааст. Холи имконпазири ҳадди аксар 35 аст.

Дар ҷадвали 3 тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи навъи он дар таносуби фоиз нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3. Тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи фоиз

№ т/р	Навъи саволу масъала	Миқдори саволу масъала аз рӯйи фоиз
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	$75 \pm 2\%$
2.	Муайян кардани мувофиқат	$25 \pm 2\%$

МУШАХХАСОТ (МАТРИТСА)-И ТЕСТИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ҳар тест бо мақсадҳои муайян таҳия мегардад. Ҳамзамон бо муайян намудани мақсадҳо модел (қолаб)-и тест тартиб дода мешавад. Ин қолабро, ки дар намуди ҷадвал дода мешавад, матритсаи тест меноманд.

Матритсаи тест бахшҳои муҳимми мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталаб интихоб мегарданд, дар бар мегирад. Яъне вобаста ба мақсадҳо дар матритсаи тест ҳамаи бобҳо ва мавзӯъҳои муҳим нишон дода мешаванд. Саволу масъалаҳои тест низ танҳо дар доираи мавзӯъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд. Ин саволу масъалаҳо дар маҷмӯъ воситаи санҷиш (арзёбӣ)-и дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат) ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, матритсаи тест мувофиқати мавзӯъҳоро бо барномаи таълим ва таносуби дурусти дастовардҳои санҷидашавандаро таъмин менамояд.

Миқдори умумии саволу масъалаҳои тест вобаста ба мавзӯъҳо дар матритса тақсимбандӣ мешавад. Хусусияти хоси матритса ин аст, ки дар он на танҳо миқдори саволу масъалаҳои тест, инчунин миқдори хол ба ҳар саволу масъала, ки барои санҷиши дониш ва малакаю маҳорат пешинӣ гардидааст, дар таносуби фоиз ба нақша гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти мақсадҳои таълим (дастовардҳо: дониш ва малакаю маҳорат) ва ҷадвалҳои 1, 2 ва 3 матритсаи тести фанҳои забон ва адабиёти тоҷик тартиб дода шуд.

№ т/р	Мавзӯъҳо	Дониш ва фаҳмиш	Малакаю маҳорат	% (*a*)
1.	Фонетика ва орфография Лексикология ва фразеология Услубшиносӣ ва матн			23 ± 2
2.	Грамматика: *морфология* *синтаксис*			26 ± 2
3.	Фолклор. Ҳаёти адабӣ Мафҳумҳои адабӣ			17 ± 2
4.	Адабиёти классикӣ ва муосир			34 ± 2
% (*b*)	Ҳамагӣ	34 ± 2	66 ± 2	100

КОРКАРДИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Ҷавоби саволу масъалаи тест дар варақаи ҷавобҳо бо аломати чорчиллик (×) нишонагузорӣ мешавад.

Варақаҳои ҷавобҳои тести довталаб, ки бо штрих-кодҳо рамзгузорӣ шудааст, бо истифодаи воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ (таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти махсус) коркард мешаванд.

Барои ҳар субтест вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест миқдори максималии хол муайян шудааст. Чунон ки қайд шуд, ба довталаб барои пурра иҷро намудани субтести забон ва адабиёти тоҷик ҳадди аксар 35 хол дода мешавад.

Пас аз коркарди варақаҳои ҷавобҳои довталаб бо истифода аз алгоритм ва барномаи компютерии мувофиқ холҳои ӯ аз ҳар субтест алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Азбаски дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифодаи шкалабандии холҳо ба роҳ монда шудааст, холҳои довталаб аз ҳар субтест ба баллҳо баргардонида мешавад. Шкалабандӣ бо истифода аз усули протсентилҳо (ченаки ҷойгиршавии довталабон ё тақсимоти онҳо нисбат ба якдигар) иҷро мешавад. Тибқи тартиби шкалабандӣ барои ҳар субтест балли максималӣ муайян шудааст.

Балли умумии довталаб бо ҷамъи баллҳои ҳар субтест ҳисоб карда мешавад.

Барои ин ки довталаб дар озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ иштирок намояд, ӯро лозим меояд, ки аз ҳар субтест **холи гузаришро** соҳиб шавад. Холҳои гузаришро барои ҳар субтест ҳар сол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ менамояд.

НАМУНАИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Намунаи варақаи ҷавобҳои тести имтиҳони қисми Б (ихтисосҳои гурӯҳи 3-юм), ки субтестҳои забон ва адабиёти тоҷик/узбек/рус/; таърих (таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ) ва забони хориҷӣ (англисӣ/немисӣ/франсавӣ/арабӣ)-ро дар бар мегирад, чунин аст:


Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Национальный центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан

Ҷой барои штрихкод
Место для штрихкода

ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО / ЛИСТ ОТВЕТОВ Б.3

Бодиққат бошед!
Ҷавоби худро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи дастури иҷрои тест ишора намоед.

Будьте внимательны!
Отмечайте свои ответы согласно правилам заполнения листа ответов.

Намунаи ишораи ҷавоб: / Образец обозначения ответа: A B C D

Намунаи ислоҳи ҷавоб: / Образец исправления ответа: A B C D

Вариант: 1 2 3 4 5 6 7 8 9 10 11 12 13 14 15

ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (ЎЗБЕК) / РУССКИЙ (УЗБЕКСКИЙ) ЯЗЫК И ЛИТЕРАТУРА

	A	B	C	D
1				
2				
3				
4				
5				
6				
7				
8				
9				
10				
11				
12				
13				
14				
15				

	1	2	3	4	5
16 A					
16 B					
16 C					
16 D					
17 A					
17 B					
17 C					
17 D					
18 A					
18 B					
18 C					
18 D					
19 A					
19 B					
19 C					
19 D					
20 A					
20 B					
20 C					
20 D					

ТАЪРИХ / ИСТОРИЯ

	A	B	C	D
1				
2				
3				
4				
5				
6				
7				
8				
9				
10				
11				
12				
13				
14				
15				
16				
17				
18				
19				
20				

	1	2	3	4	5
21 A					
21 B					
21 C					
21 D					
22 A					
22 B					
22 C					
22 D					
23 A					
23 B					
23 C					
23 D					
24 A					
24 B					
24 C					
24 D					
25 A					
25 B					
25 C					
25 D					

ЗАБОНИ ХОРИҶӢ / ИНОСТРАННЫЙ ЯЗЫК

Забони англисӣ / Английский язык ☐ Забони немисӣ / Немецкий язык ☐ Забони франсавӣ / Французский язык ☐ Забони арабӣ / Арабский язык ☐

	A	B	C	D
1				
2				
3				
4				
5				
6				
7				
8				
9				
10				
11				
12				
13				
14				
15				
16				

	1	2	3	4	5
17 A					
17 B					
17 C					
17 D					
18 A					
18 B					
18 C					
18 D					
19 A					
19 B					
19 C					
19 D					
20 A					
20 B					
20 C					
20 D					

Аз ин намунаи варақаи ҷавобҳо субтести **забон ва адабиёти тоҷик** ба таври алоҳида аз рӯйи миқдор ва навъи саволу масъалаҳо чунин ба назар мерасад**:**



Бо қарори мушовараи Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30.12.2015, № 31/30
тасдиқ шудааст.

БАРНОМАИ ИМТИҲОН
аз фанни таърих
(таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ)

ПЕШГУФТОР

Татбиқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки бо ин мақсад Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шудааст, навсозии низоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТМК ва МТОК)-и ҷумҳурӣ, арзёбии одилонаи дониши довталабон, таъмини шаффофӣ ва дастрасии баробар ба имтиҳонҳои дохилшавиро дар назар дорад.

Вобаста ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 495 "Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ гардид.

Мувофиқи талаботи қабули донишҷӯён ва бо назардошти хусусияти ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар МТМК ва МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон тайёр карда мешаванд, ММТНПҶТ аз фанҳои зерин саволу масъалаҳои тестро таҳия менамояд**:**

- забони тоҷикӣ,
- забон ва адабиёти тоҷик,
- математика,
- физика,
- химия,
- биология,
- география,
- таърих,
- асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон,
- забон ва адабиёти рус,
- забон ва адабиёти ӯзбек,
- забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ, забони немисӣ, забони франсавӣ ва забони арабӣ).

Барномаи имтиҳон аз ҳар фанни таълимӣ мувофиқи "Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо назардошти талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мегардад.

"Барномаи имтиҳон" аз фанни таърих ҳуҷҷати меъёрӣ буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- мақсади имтиҳон аз фанни таърих ва тавзеҳи он;

- талабот ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанни таърих;
- шарҳи саволу масъалаҳои тест;
- мушаххасот (матритса)-и тести фанни таърих;
- коркарди варақаи ҷавобҳои тест;
- намунаи варақаи ҷавобҳои тест.

МАҚСАДИ ИМТИҲОН АЗ ФАННИ ТАЪРИХ ВА ТАВЗЕҲИ ОН

Таърих яке аз фанҳои асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (новобаста аз забони таҳсил) ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, сарфи назар аз миллаташ, таърихро бояд омӯзад ва даврахои асосӣ ва воқеаҳои муҳими онро донад.

Таълими таърих аз худ кардани даврахои асосии таърихро барои вусъати ҷаҳонбинии шаҳрвандон, ошно сохтани онҳо бо таъриху тамаддуни халқи тоҷик ва ҷаҳон дар назар дорад. Таърихи умумӣ низ тарҷумаи ҳоли башарият аст. Он далелу воқеа ва равандҳои таърихии муҳимтарин ва нисбатан вижаи халқу давлатҳоро дарбар мегирад.

Мақсади омӯзиши таърих дар чунин вазифаҳои мушаххас таҷассум меёбад:

- аз худ кардани марҳалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ, манбаъҳои асосии таърих, таърих ва тамаддунҳои ҷаҳонӣ, рушди таърихии маданият ва санъат, даврахои пайдоиш ва инкишофи қавмҳо;
- аз худ кардани асосҳои илми таъриху ҷомеашиносӣ бо мақсади дарки равандҳои иҷтимоию сиёсии таҳаввулоти ҷаҳони муосир ва таҳлилу пешгӯй кардани воқеаҳои минбаъдаи ҷомеа;
- инкишофи маърифати таърихии хонандагон, қобилияти фикрии онҳо, амалан донистани таърих ва фаро гирифтани маълумот доир ба он;
- ба даст овардани дониш дар бораи таърих ва анъанаҳои халқи тоҷик;
- ташаккули маҳорат ва малакаҳои умумитаълим дар ҷараёни омӯзиши таърих (кор бо сарчашмаҳои таърихӣ, дарки маъно ва мухтасар шарҳ додан ва ғайра).

Вобаста ба ин, имтиҳон аз фанни таърих бо мақсади муайян намудани дараҷаи донишу фаҳмиш ва малакаю маҳорати довталабон ва интихоби онҳо барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Тест аз фанни таърих (таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ) барои довталабоне, ки ихтисосҳоро дар равияҳои гуманитарӣ (гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм: филология, педагогика ва санъат) ва ҷомеашиносӣ (гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум: ҷамъиятшиносӣ ва ҳуқуқ) интихоб намудаанд, имтиҳони ҳатмӣ буда, тавассути он дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати онҳо санҷида мешавад.

ТАЛАБОТ БА ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАННИ ТАЪРИХ

Дар барномаи имтиҳон ҳадди ақали малакаю маҳорати довталабон, ки барномаҳои таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ муайян намудааст, дар назар гирифта шудааст. Чунин малакаю маҳоратҳоро довталабон бояд дар натиҷаи аз худ кардани ин ё он мавзӯи барномаи таълим нишон диҳанд.

Яъне, дар баробари аз худ кардани мавзӯъҳои ҷудогона (**<u>донистан ва фаҳмидан</u>)** онҳо бояд дорои чунин малакаю маҳоратҳо (**тавонистан)** низ бошанд:

- дарки мақсаду вазифа ва моҳияти таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ;
- донистани унсурҳои таърих, илмҳои ёрирасон ва сарчашмаҳои таърихи халқи тоҷик;
- истифода аз солшуморӣ ва тақвимҳо;
- мустақилона тайёр кардани савол;
- истифодаи самаранок аз апарати методии китоби дарсӣ;
- дарки солшумориҳо, таносуби қарн ва ҳазорсолаҳо, пайдарҳамии солшуморӣ ва воқеаҳои таърихӣ;
- дар муқоиса шарҳ додани далелу воқеа ва равандҳои таърихӣ;
- дуруст талафуз карада тавонистани номҳо, мафҳумҳои таърихӣ, далелу воқеаҳо ва равандҳои таърихӣ ва фаҳмидани моҳияти онҳо;
- фарқ кардани давраҳои таърихӣ аз ҳамдигар;
- шарҳу эзоҳ додани сабабҳои гузариш аз як давра ба давраи дигар;
- муайян кардани сабабҳои ба вуқӯъ пайвастани воқеаҳои таърихӣ аз сарчашмаҳо, китоби дарсӣ, дастурҳои методӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайраҳо;
- истифодаи харитаҳои таърих, сарчашмаҳо ва дигар маводи таълимӣ;
- ҳарф задан бо забони таърих ҳангоми саволу ҷавоб бо ҳамдарсон ва омӯзгор;
- фаҳмидан ва алоқаманд кардани воқеаю равандҳои ҷаҳони имрӯз ба мавзӯъҳои фанни таълимӣ;
- истифодаи донишҳо аз дигар фанҳои таълимӣ дар таҳлили ҳодисаҳои таърихӣ (таърихи муосири халқи тоҷик);
- шарҳу эзоҳ додани далелу воқеа ва равандҳои таърих бо назардошти қонуниятҳои таърихӣ;
- шарҳ дода тавонистани сабабу оқибатҳои ду ҷанги ҷаҳонӣ;
- шарҳ додани ҳаёти имрӯзаи мамлакат дар робита бо далелу воқеа ва равандҳои рӯйдодаи таърихи муосир ва хулоса бароварда тавонистан.

Дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи мавзӯъҳои зерини таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ санҷида мешавад.

Таърихи халқи тоҷик

Ҷамъияти ибтидоӣ. Асри санги қадимтарин – Палеолит. Асри санги миёна - Мезолит. Пайдоиши одам аз диди нав. Аввалин одамон. Ба даст овардани оташ. Достонҳои “Шоҳнома” дар бораи нахустин одамон. Пайдоиши авлод ва қабила. Пайдоиши дин ва санъати расмкашӣ. Асри санги охирин – Неолит. Маданиятҳои Сиёлк, Ҷайтун, Калтаманор ва Ҳисор. Аз байн рафтани ҷомеаи ибтидоӣ. Асри мису санг – Энеолит. Маданияти Намозгоҳ.

Асри биринҷ. Гузариш аз модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ. Ихтирои маъдани биринҷ ва аҳамияти он барои инсоният. Ихтирои чархи кулолӣ. Хусусияти асри биринҷ. Ориёно ва нақши он дар таърих. Давраҳои асри биринҷ. Осори асри биринҷ. Саразм ва пешаи мардуми он. Ориёиҳои саҳронавард (Тӯрҳо – Тӯрониён). Маданияти андроновӣ. Маросими дафни асри биринҷ. Асотир ва воқеият. Ориёиҳо ва Ориёвайҷ. Пайдоиши шаҳрҳо.

Кайқубод, Кайковус ва Кайхусрав. Кайхусрав ва Афросиёб. Зардушт ва Гуштосп. Дини зардуштӣ ва пазируфтани ин дин аз тарафи Гуштосп. “Авесто” ҳамчун китоби динӣ ва сарчашмаи таърихӣ. Бахшҳои “Авесто”: “Готҳо”, “Ясна”, “Яштҳо”, “Виспарад”, “Хурда -Авесто” ва “Вандидод”. Некӣ ва бадӣ. Ибодатгоҳҳо ва идҳо.

Қабилаҳои Ориёи Ҷанубу Шарқии Аврупо, Урал ва Сибир. Кимериҳо. Скифҳо (сакоиҳо). Сайрамиҳо (сарматҳо).

Давлатҳои ғуломдорӣ. Давлати Элом. Давлати Митан. Мод. Суғд ва Бохтар. Ҳахоманишҳо**.** Куруш ва Томирис. Ислоҳоти Дориюш. Ҷангҳои Юнону Форс. Фарҳанги ориёиҳо дар замони Ҳахоманишҳо

Давлатҳои эллинӣ дар Ориёно. Ҳуҷуми Искандар ба Ориёнои Ғарбӣ. Муборизаҳои Бес ва Спитамен ба муқобили мақдуниҳо. Муҳорибаи Куркат. Давлатҳои Селевкиён ва Юнону Бохтар. Санъати эллинӣ.

Ашкониён ва Кушониён. Ташкили давлати Портҳо. Муборизи бо селевкиҳо**.** Ҷанг бо римиҳо**.** Империяи Кушониён**.** Канишкаи Кабир ва равнақи давлати Кушон. Фарҳанги замони Порт ва Кушон**.** Этногенези (пайдоиш) ориёиҳо.

Сосониён. Ардашер ва Шопури 1. Ҳаракати Маздакиён. Ислоҳоти Хусрави Анӯшервон. Сохтори давлати ва табақоти иҷтимоӣ. Ҷангҳои Сосониёну Ҳайтолиён. Шаҳрҳо ва меъморӣ. Ойини Маздаясно. Мазҳабҳо. Монӣ ва дини ӯ. Фарҳанг ва шаҳрдорӣ.

Тоҷикон – эрониёни шарқӣ дар асрҳои III – VIII милодӣ. Кушониёни кӯчак дар асрҳои III – IV**.** Парокандагии Осиёи Миёна дар асрҳои V – VIII. Суғд. Тахористон. Марв, Хоразм, Истаравшан, Фарғона, Чоч. Пайдоиши Хиёниҳо – Ҳайтолиҳо. Шаҳрҳо. Кӯшкҳо. Шаклҳои заминдорӣ. Ҳунармандӣ, ва меъморӣ. Мусиқӣ. Мактаб ва маориф. Дину ақидаҳои мардумӣ. Варзиш.

Осиёи Миёна дар ҳайати хилофати араб. Густариши ислом. Ақоид ва ахлоқи арабҳо пеш аз дини ислом. Ғазавот. Ҷангҳои ғоратгаронаи арабҳо дар Тоҷикзамини Ғарбӣ. Хилофати араб. Истилои Тоҷикзамини Шарқӣ аз ҷониби туркон. Барҳамхӯрии давлати Сосониён. Аввалин ҳамлаҳои арабҳо ба Вароруд (Мовароуннаҳр). Забти Балх. Забти Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва Чоч. Шӯриши шоҳзодагони Суғд бо сарварии Ғӯрак. Муборизаи озодихоҳонаи суғдиҳо бо роҳбарии Деваштич. Бойгонии Деваштич. Шикасти арабҳо дар Хатлон. Қиёми Абӯмуслим. Хилофати Аббосиён. Шӯришҳои Шарик ва Муқаннаъ. Шуубия. Бармакиён.

Давлатҳои миллӣ. Тоҳириён. Саффориён. Марҳилаҳои асосии ба қудрат расидани Оли Сомон. Исмоили Сомонӣ – асосгузори давлат. Ташкили дастгоҳи идора ва лашкар. Тараққии шаҳрҳо. Меъморӣ. Илму фарҳанг дар замони Сомониён. Тиҷорат, кишоварзӣ ва заминдорӣ. Бухоро – пойтахти Сомониён. Шӯришҳои халқӣ. Ҳаракати қарматиён. Ташаккулёбии халқи тоҷик. Сабабҳои таназзули давлати Сомониён.

Давлатҳои Қарохониён ва Ғазнавиён. Ба вуҷуд омадани давлати Қарахониён. Қарахониён ва қарахитоиҳо. Муборизаи Ғуриён ва Ғазнавиён. Салҷуқиён ва Низомулмулк. Султон Санҷар ва барҳамхӯрии давлати салҷуқиҳо. Ҳаракати исмоилия. Давлати Хоразмшоҳиён. Меъморӣ, ҳунармандӣ ва илму фарҳанг дар асрҳои XI – XIII.

Забткории муғулҳо ва оқибатҳои он. Фоҷиаи Утрор. Муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони муғул. Ҷалолуддин Мангубердӣ. Темурмалик ва Маҳмуди Торобӣ. Улулси Чағатой ва ҳаёти мардуми тоҷик. Фарҳанг дар асрҳои XIII – XIV. Давлатҳои тоҷикии Ғуриён, Куртҳои Ҳирот ва Сарбадорони Хуросон.

Темуриён. Ҷунбиши "Сарбадорон". Ба сари қудрат омадани Темур. Забткориҳои Темур ва империяи ӯ. Халқи тоҷик дар ҳайати давлати Темур ва Темуриён. Тиҷорат, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ. Илму фарҳанги тоҷик дар асрҳои XIV – XV.

Халқи тоҷик дар асрҳои XVI – нимаи аввали асри XIX. Ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи Шайбониён. Бобур ва Шайбониён. Аштархониён (Ҷониён). Ҳамлаи Нодиршоҳ ба Осиёи Миёна. Аморати Бухоро. Сохти маъмурӣ. Хонигариҳои Хева ва Қӯқанд. Ҷангҳо байни давлатҳои феодалӣ ва харобии хоҷагӣ. Ташкил ёфтани давлати Афғонистон. Кишоварзӣ ва ҳунармандӣ. Тиҷорат. Шаҳрҳо ва меъморӣ. Илму фарҳанги тоҷик дар асрҳои XVI – XIX.

Истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия. Ҳуҷуми артиши рус ба Осиёи Миёна. Рафти амалиёти ҷангӣ. Ташкил ёфтани генерал-губернатори Туркистон. Ҳамлаи амири Бухоро ба Бухорои Шарқӣ. Барҳам додани хонигарии Қӯқанд. "Масъалаи Помир".

Халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX. "Низомнома оид ба идораи кишвари Туркистон". Сохтмони роҳи оҳан. Кишоварзӣ ва парвариши пахта. Корхонаҳои саноатӣ. Ширкатҳо ва бонкҳои Русия дар Осиёи Миёна. Аҳволи халқи меҳнаткаш. Шӯриши Восеъ. Аҳмади Дониш ва ҳаракати маорифпарварӣ. Таъсири ҳаракатҳои инқилобии Русия ба Осиёи Миёна. Вазъи аморати Бухоро дар ибтидои асри XX. Ҳаракати ҷадидия. Шӯриши соли 1916.

Барҳам хӯрдани тартиботи подшоҳӣ дар Русия. Инқилоб ва паёмадҳои он. Ба дасти Шӯроҳо гузаштани ҳокимият. Дигаргуниҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Сарнагун шудани аморати Бухоро. "Эъзомияи ҳарбии Ҳисор". Барқарор кардани Ҳокимияти Шӯравӣ. Ҳаракати зиддишӯравӣ ва рафти он.

Ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон. Тақсимоти марзию миллӣ. Ҳаёти фарҳангӣ дар солҳои 1920 – 1924. Анҷуманҳои Якум ва Дуюми Шӯроҳои Тоҷикистон.

Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон. Ба ҳайати ҶШС Тоҷикистон ҳамроҳ карда шудани Округи Хуҷанд. Индустрикунонӣ ва коллективонӣ дар Тоҷикистон. Таъқиботи сталинӣ ва оқибатҳои он. Сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ дар ҶШС Тоҷикистон. Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон.

Тоҷикистон дар солҳои ҶБВ. Саҳми фиристодагони Тоҷикистон. Ёрӣ ба фронт. Нақши ақибгоҳ. Ҳаёти фарҳангӣ дар солҳои ҷанг.

Тоҷикистон дар солҳои азнавбарқароркунии хоҷагии халқ. Тоҷикистон дар солҳои 1951 – 1958. Фаъолияти Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров.

Тоҷикистон дар солҳои 1961 – 1985. Ҳаёти сиёсӣ. Сохтмони корхонаҳои саноатӣ. Кишоварзӣ. Ҳаёти фарҳангӣ.

Тоҷикистон дар замони бозсозӣ. Дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсӣ. Демократикунонии ҷомеа.

Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолият. Пошхӯрии ИҶШС. Сабабҳо ва натиҷаҳои ҷанги шаҳрвандӣ. Қабул шудани Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба имзо расидани созишномаи сулҳ ва оғози фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар субот ва тараққии Тоҷикистон. Сохтмонҳои бузург. Роҳҳо. Ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.

Таърихи умумӣ

Ҷаҳон дар солҳои 1919 – 1939. Муносибатҳои байналхалқӣ дар солҳои 1919 – 1923. Кишварҳои Аврупо ва Америка дар солҳои 1919 – 1939.

Германия дар солҳои 1919 – 1939. Англия ва Фаронса дар солҳои 1919 – 1939. ИМА дар солҳои 1919 – 1929. «Роҳи нав»-и Ф. Рузвелт. Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1922 – 1939. Италаия ва Испания дар солҳои 1919 – 1939. Кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ. Кишварҳои Осиё ва Африқо дар солҳои 1919 – 1939. Чин дар солҳои 1919 – 1939. Ҷопон дар фосилаи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ. Индонезия дар солҳои 1919 – 1939. Ҳиндустон дар роҳи ба даст овардани истиқлолият. Фаъолияти М. К. Гандӣ. Афғонистон ва Эрон. Туркия пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон. Ҷумҳурии Туркия дар солҳои 1923 – 1939. Камол Отатурк. Кишварҳои арабӣ дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ: Арабистони Саудӣ, Сурия, Ироқ, Миср. Харитаи сиёсии Африқо баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон. Мамлакатҳои Африқои тропикӣ. Африқои Ҷанубӣ.

Муносибатҳои байналхалқӣ дар солҳои 1924 – 1939. Бухрони иқтисодии умумиҷаҳонӣ. Германия дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ. Фашизм дар Аврупо. Испания. Ҳолати сиёсии Олмон ва Чехословакия дар солҳои 1924 – 1939. Гуфтушуниди Мюнхен. Муносибатҳои сиёсии Англия, Фаронса ва ИҶШС баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Ҳамлаи Олмон ба Лаҳистон. Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дар солҳои 1939 – 1940. Забткории ИҶШС дар Аврупои Шарқӣ. Ишғоли кишварҳои назди Балтика аз тарафи ИҶШС. Ҳуҷуми Олмон ба ИҶШС. Муҳорибаи назди Москва. Ҷанг дар Уқёнуси Ором. Амалиёти ҷанг дар солҳои 1942 – 1943. Муҳорибаи Сталинград ва Курск. Таслимшавии Италия. Конференсияи Техрон. Амалиёти ҷанг дар соли 1944. Кушодашавии ҷабҳаи дуюм. Конференсияи Ялта. Торумор шудани Олмон. Шикасти Ҷопон ва ба анҷом расидани ҷанг. Конференсияҳои Сан-Франсиско ва Потсдам. Оқибатҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.

Ҷаҳон пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Ташкилёбии СММ. «Ҷанги Сард». «Нақшаи Маршалл». Паймонҳои ҳарбӣ: НАТО ва Шартномаи Варшава. Болоравии ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар Осиё ва Африқо. Шикасти сохти мустамликадорӣ.

Давлатҳои ҷаҳон дар солҳои 1945 – 1970. Кишварҳои Ғарб. ИМА баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Ҷанг бо Ветнам. Англия. Фаронса. Олмони Ғарбӣ. Бунёди «Девори Берлин». Италия дар солҳои 1945 – 1970.

Давлатҳои сотсиалистӣ дар солҳои 1945 – 1970. Азнавбарқароркунии оқибатҳои ҷанг. Вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсии ИҶШС дар солҳои 1945 – 1970. Сиёсати хориҷии ИҶШС.

Лаҳистон, Олмони Шарқӣ, Чехословакия, Руминия, Югославия, Булғория ва Венгрия дар солҳои 1945 – 1970.

Ташкили Ҷумҳурии халқии Чин. ҶХЧ дар солҳои 1949 – 1970. Инқилоби маданӣ. Маотсизм.

Кореяи Шимолӣ. Кореяи Ҷанубӣ ва Ветнам дар солҳои 1945 – 1970.

Мамлакатҳои Осиё дар солҳои 1945 – 1970. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии давлатҳои Осиё дар солҳои 1945 – 1970. Ҷопон дар солҳои 1945 – 1970. Истиқлолияти Индонезия. Индонезия дар солҳои 1945 – 1970.

Ҳиндустон дар солҳои 1945 – 1970. Истиқлолияти Ҳиндустон. Интихобот ба маҷлиси қонунгузор. Эълони истиқлолияти Ҳиндустон. Вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Ҳиндустон дар солҳои 50-ум. Ҷавоҳирлаъл Нехру. Таъсиси давлати Покистон. Покистон дар солҳои 1947 – 1970.

Афғонистон. Ҳукумати Муҳаммад Зоҳиршоҳ. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимою иқтисодии Афғонистон дар солҳои 50-ум. Эрон дар солҳои 1947 – 1970. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимою иқтисодии Эрон. Табадулоти давлатии генерал Зоҳидӣ.

Ҷумҳурии Туркия пас аз ҷанг. Муносибати Туркия бо ИМА. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимою иқтисодии Туркия дар солҳои 60 – 70-ум.

Мамлакатҳои Араб. Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимою иқтисодии мамлакатҳои арабӣ дар солҳои 1945 – 1958. Проблемаи Шарқи Наздик. Арабистони Саудӣ дар солҳои 1945 – 1958. Ҷумҳурии Ямани Араб дар солҳои 60 – 70-ум. Сурия дар солҳои 1946 – 1958. Сурия дар ҳайати ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб. Ироқ баъди ба итмом расидани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Ироқ дар солҳои 1954 – 1958. Ироқ дар солҳои 60 – 70-ум.

Мамлакатҳои Африқо. Вазъи сиёсии Миср пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Миср дар ҳайати Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб. Ҷанги Арабу Исроил. Муноқишаи Шарқи Наздик. Сионизм. Милликунонии канали Суэтс.

Алҷазоир баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Алҷазоир дар солҳои 60 – 70-ум. Тунис ва Марокаш дар солҳои 1945 – 1970. Рушди илм ва фарҳанг.

Мамлакатҳои Африқо дар солҳои 1945 – 1970. Гана. Нигерия. Нигер. Ҷумҳурии Гвинея. Сенегал, Ҳабашистон, Судон, Кения, Танзания ва Уганда. Заир, Ангола ва Мозамбик. Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ. Ҳолати сиёсии ҶАҶ.

Ҷаҳон дар солҳои 1970 – 2010. Ҷаҳон баъди машварати Хелсинки**.** Тамоилҳои фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ – СММ, ОБСЕ. Шӯрои Аврупо. Созмони Мамлакатҳои Африқо, Созмони Мамлакатҳои Америка. Ташкилоти Шанхай. Иттиҳоди Авру-Осиё. Муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳони имрӯза. Барҳам хӯрдани низоми ҷаҳони сотсиализм.

Мамлакатҳои Ғарб. Ҳамкории сиёсӣ дар байни давлатҳои Ғарб. Муносибатҳои Ғарб бо Шарқ. Мубориза бар зидди терроризм, экстримизм ва СПИД. Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ИМА дар солҳои 70 – 80-ум. Рейган ва сиёсати ӯ. ИМА дар солҳои президентии Б. Клинтон, Ҷ. Буш ва Ҷ. Буши хурдӣ. Сиёсати хориҷии ИМА. Ҳукумати Б. Обама. Муносибати Англия бо Аргентина. Сиёсати хориҷии Англия дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI. Вазъи иқтисодии Фаронса дар солҳои 70-ум. Фаронса баъд аз ҳукмронии Шарл де Голл. Фаронса дар солҳои президентии Жак Ширак. Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Италия дар солҳои охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI. Ҷумҳурии Федералии Олмон баъд аз муттаҳидшавӣ. Сиёсати хориҷии ҶФО. Ҳолати сиёсии мамлакатҳои нимҷазираи Скандинавия – Дания, Норвегия, Шветсия ва Финландия. Сиёсати хориҷии давлатҳои Скандинавия. Вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Испания ва Португалия дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI.

Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ. Бразилия, Аргентина, Мексика ва Чилӣ дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI. Рушди иқтисодии Канада ва Австралия дар охири асри ХХ ва ибтидои асри ХХI.

Мамлакатҳои Осиё ва Африқо. Рушди иқтисодии Ҷопон дар охири асри ХХ. Ҷопон пешсафи саноат дар минтақа. Вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Чин дар солҳои 80 – 90-уми асри ХХ. Нимҷазираи Корея: Шимол ва Ҷануб. Ҳаёти сиёсӣ,

иқтисодӣ ва иҷтимоии Индонезия, Ҳиндустон ва Покистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Афғонистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Эрон дар давраи инқилоби исломӣ. Сиёсати хориҷии Эрон. Туркия дар солҳои 70 – 80-ум. Сиёсати хориҷии Туркия. Вазъи сиёсии мамлакатҳои Араб дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Кишварҳои Африқо дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI.

Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ). Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ. Муносибатҳои сиёсию иқтисодии кишварҳои ИДМ. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ИДМ. Тавлиди Русияи соҳибистиқлол. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Русия. Муносиботи сиёсии Русия бо Тоҷикистон.

Маданияти муосири ҷаҳон ва масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир. Бинокорӣ. Шаҳрсозӣ. Рушди техника ва технологияи индустриалӣ, ахбори табъу нашр, компютерӣ, нақлиёт ва ғ. Рушди фарҳанг ва илм. Ҷаҳони муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ. Масъалаи терроризм.

ШАРҲИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

Субтести таърих аз 25 саволу масъалаи навъи зерин иборат аст:

- **савол бо интихоби як ҷавоби дуруст.** *Барои ҳар саволу масъала чор варианти ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дуруст аст;*
- **муайян кардани мувофиқат.** *Дар чунин навъи масъала ба калима ва ҷумлаҳо, ки дар сутуни якум дода шудааст, аз сутуни дуюм ҷавоби мувофиқ ва дуруст (яке аз ҷавобҳои пешниҳодгардида зиёдатист) интихоб карда мешавад.*

Меъёри баҳо ба ҳар саволу масъалаи тест, вобаста ба навъи он, дар ҷадвали 1 дода шудааст.

Ҷадвали 1. Навъи саволу масъала ва меъёри баҳо

№ т/р	Навъи саволу масъалаи тест	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	1
2.	Муайян кардани мувофиқат	4

Ба ҳар ҷавоби дурусти саволҳои навъи якум (саволҳои 1 – 20) **1 хол** дода мешавад. Холи имконпазири ҳадди аксар барои пурра муайян намудани мувофиқати саволу масъалаҳои навъи дуюм (саволҳои 21 – 25) **4** аст.

Вобаста ба навъи саволу масъалаҳо ва меъёри баҳо миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва миқдори холи имконпазири ҳадди аксари субтести таърих дар ҷадвали 2 дода шудааст.

Ҷадвали 2. Миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва холи имконпазири ҳадди аксар

№ т/р	Фанни имтиҳон	Миқдори саволу масъала	Вақти иҷрои тест/дақиқа	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Таърих	25 (20+5)	55	40

Вақти иҷрои тест ба дараҷаи душвории саволу масъалаҳо вобаста аст. Барои пурра ҷавоб гуфтан ба 25 саволу масъалаи субтести таърих 55 дақиқа муайян шудааст. Холи имконпазири ҳадди аксар 40 аст.

Дар ҷадвали 3 тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи навъи он дар таносуби фоиз нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3. Тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи фоиз

№ т/р	Навъи саволу масъала	Миқдори саволу масъала аз рӯйи фоиз
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	80 ± 2%
2.	Муайян кардани мувофиқат	20 ± 2%

МУШАХХАСОТ (МАТРИТСА)-И ТЕСТИ ФАННИ ТАЪРИХ

Ҳар тест бо мақсадҳои муайян таҳия мегардад. Ҳамзамон бо муайян намудани мақсадҳо модел (қолаб)-и тест тартиб дода мешавад. Ин қолабро, ки дар намуди ҷадвал дода мешавад, матритсаи тест меноманд.

Матритсаи тест бахшҳои муҳимми мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталаб интихоб мегарданд, дар бар мегирад. Яъне вобаста ба мақсадҳо дар матритсаи тест ҳамаи бобҳо ва мавзӯъҳои муҳим нишон дода мешаванд. Саволу масъалаҳои тест низ танҳо дар доираи мавзӯъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд. Ин саволу масъалаҳо дар маҷмӯъ воситаи санҷиш (арзёбӣ)-и дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат) ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин матритсаи тест мувофиқати мавзӯъҳоро бо барномаи таълим ва таносуби дурусти дастовардҳои санҷидашавандаро таъмин менамояд.

Миқдори умумии саволу масъалаҳои тест вобаста ба мавзӯъҳо дар матритса тақсимбандӣ мешавад. Хусусияти хоси матритса ин аст, ки дар он на танҳо миқдори саволу масъалаҳои тест, инчунин миқдори хол ба ҳар саволу масъала, ки барои санҷиши дониш ва малакаю маҳорат пешинӣ гардидааст, дар таносуби фоиз ба нақша гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти мақсадҳои таълим (дастовардҳо: дониш ва малакаю маҳорат) ва ҷадвалҳои 1, 2 ва 3 матритсаи тести фанни таърих тартиб дода шуд.

№	Бобҳо/мавзӯъҳо	Дониш ва фаҳмиш	Малакаю маҳорат	% (*a*)
1.	Таърихи халқи тоҷик (то охири асри XV)			27± **2**
2.	Таърихи халқи тоҷик (аз охири асри XV)			21± **2**
3.	Таърихи халқи тоҷик (аз соли 1920)			27± **2**
4.	Таърихи умумӣ: аз соли 1918 то оғози асри XXI			25± **2**
% (*b*)	**Ҳамагӣ**	58± **2**	42± **2**	100

КОРКАРДИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Ҷавоби саволу масъалаи тест дар варақаи ҷавобҳо бо аломати чорчиллик (×) нишонагузорӣ мешавад.

Варақаҳои ҷавобҳои тести довталаб, ки бо штрих-кодҳо рамзгузорӣ шудааст, бо истифодаи воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ (таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти махсус) коркард мешаванд.

Барои ҳар субтест вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест миқдори максималии хол муайян шудааст. Чунон ки қайд шуд, ба довталаб барои пурра иҷро намудани субтести таърих ҳадди аксар 40 хол дода мешавад.

Пас аз коркарди варақаҳои ҷавобҳои довталаб бо истифода аз алгоритм ва барномаи компютерии мувофиқ холҳои ӯ аз ҳар субтест алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Азбаски дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифодаи шкалабандии холҳо ба роҳ монда шудааст, холҳои довталаб аз ҳар субтест ба баллҳо баргардонида мешавад. Шкалабандӣ бо истифода аз усули протсентилҳо (ченаки ҷойгиршавии довталабон ё тақсимоти онҳо нисбат ба якдигар) иҷро мешавад. Тибқи тартиби шкалабандӣ барои ҳар субтест балли максималӣ муайян шудааст.

Балли умумии довталаб бо ҷамъи баллҳои ҳар субтест ҳисоб карда мешавад.

Барои ин ки довталаб дар озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ иштирок намояд, ӯро лозим меояд, ки аз ҳар субтест **холи гузаришро** соҳиб шавад. Холҳои гузаришро барои ҳар субтест ҳар сол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ менамояд.

НАМУНАИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Намунаи варақаи ҷавобҳои тести имтиҳони қисми Б (ихтисосҳои гурӯҳи 3-юм), ки субтестҳои забон ва адабиёти тоҷик/узбек/рус/, таърих (таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ) ва забони хориҷӣ (англисӣ/немисӣ/франсавӣ/арабӣ)-ро дар бар мегирад, чунин аст:



Аз ин намунаи варақаи ҷавобҳо субтести **таърих** ба таври алоҳида аз рӯйи миқдор ва навъи саволу масъалаҳо чунин ба назар мерасад**:**

ТАЪРИХ / ИСТОРИЯ



Бо қарори мушовараи Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30.12.2015, № 31/30
тасдиқ шудааст.

БАРНОМАИ ИМТИҲОН
аз фанни ҳуқуқи инсон

ПЕШГУФТОР

Татбиқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки бо ин мақсад Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шудааст, навсозии низоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТМК ва МТОК)-и ҷумҳурӣ, арзёбии одилонаи дониши довталабон, таъмини шаффофӣ ва дастрасии баробар ба имтиҳонҳои дохилшавиро дар назар дорад.

Вобаста ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 495 "Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ гардид.

Мувофиқи талаботи қабули донишҷӯён ва бо назардошти хусусияти ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар МТМК ва МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон тайёр карда мешаванд, ММТНПҶТ аз фанҳои зерин саволу масъалаҳои тестро таҳия менамояд**:**

- забони тоҷикӣ,
- забон ва адабиёти тоҷик,
- математика,
- физика,
- химия,
- биология,
- география,
- таърих,
- асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон,
- забон ва адабиёти рус,
- забон ва адабиёти ӯзбек,
- забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ, забони немисӣ, забони франсавӣ ва забони арабӣ).

Барномаи имтиҳон аз ҳар фанни таълимӣ мувофиқи "Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо назардошти талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мегардад.

"Барномаи имтиҳон" аз фанни ҳуқуқи инсон ҳуҷҷати меъёрӣ буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- мақсади имтиҳон аз фанни ҳуқуқи инсон ва тавзеҳи он;
- талаботи фаннӣ ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанни ҳуқуқи инсон;

- шарҳи саволу масъалаҳои тест;
- мушаххасот (матритса)-и тести фанни ҳуқуқи инсон;
- коркарди варақаи ҷавобҳо;
- намунаи варақаи ҷавобҳои тест.

МАҚСАДИ ИМТИҲОН АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ТАВЗЕҲИ ОН

Асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон яке аз фанҳои асосии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб рафта, дар инкишоф ва тарбияи насли наврас, ташаккули фарҳанги умумӣ, тарбияи дарки масъулият дар назди ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии насли наврас нақши муҳим дорад.

Омӯзиши фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон барои аз худ намудани низоми донишҳои ҳуқуқӣ ҳамчун илм, дар бораи принсипҳо, меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқ, инкишофи шахсият, ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, худро ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа дарк намудан, истифодаи ҳуқуқу озодиҳои аз тарафи қонун кафолатдодашуда, тарбияи ҳисси масъулияти граждани, дарки эътибор ва шаъну шарафи худ, интизомнокӣ, эҳтиромӣ ҳуқуқу озодиҳои дигарон, арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ равона карда шудааст.

Вазифаи фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон дар омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конституцсионӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи оилавӣ, низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон, мафҳум ва принсипҳои адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳо ва роҳҳои ҳифзи байналхалқии ҳуқуқи инсон таҷассум меёбад.

Фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи таълими фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ (2004) ва ҳуқуқи инсон (2006) таълим дода мешаванд.

Вобаста ба ин, имтиҳон аз фанни ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши ҳуқуқӣ, аз худ намудани донишҳои назариявӣ, малакаю маҳорати довталабон ва интихоби онҳо барои идома додани таҳсил дар самтҳои ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

ТАЛАБОТ БА ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Имтиҳони дохилшавӣ аз фанни ҳуқуқи инсон барои дифференсатсияи довталабон ҳангоми дохилшавӣ ба МТМК ва МТОК пешбинӣ гардидааст. Бо ин мақсад субтест оид ба ҳуқуқи инсон саволҳои вазнашон гуногуро дар бар мегирад, ки он имкон медиҳад, ки даррачаи омодагии довталабро ҷиҳати идома додани таҳсилоташ дар МТМК ва МТОК муайян намояд.

Талабот ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон вобаста ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот ва

барномаи таълими фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ (2004) ва ҳуқуқи инсон (2006) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Саволу масъалаҳои тест бо назардошти талаботи барномаҳои таълим таҳия гардида, имкон медиҳанд, ки дараҷаи азхуд кардани барномаҳо муайян карда шавад ва оид ба дастовардҳои таълимии довталаб маълумоти дурусту воқеӣ ба даст ояд.

Вобаста ба ин, тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанни математика ва интихоби онҳо бо мақсади идома додани таҳсил дар МТМК ва МТОК пешбинӣ гардидааст.

Тест саволу масъалаҳоро аз ҳамаи қисматҳои фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешаванд, дар бар мегирад. Дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи мавзӯъҳои зерини фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон санҷида мешавад:

Давлат ва ҳуқуқ.

Давлат ва моҳияти он. Мафҳуми давлат. Замина ва сабабҳои пайдоиши он. Навъҳои таърихии давлат. Шаклҳои идоракунии давлат. Самтҳои асосии фаъолияти давлат. Сохти таркибӣ. Давлати ҳуқуқбунёд. Моҳият, нишонаҳо ва аҳамияти давлати ҳуқуқбунёд. Ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд.

Таърихи пайдоиши ҳуқуқ. Моҳият ва мафҳуми ҳуқуқ ва қонун. Нишона ва навъҳои таърихии ҳуқуқ. Сарчашмаҳои ҳуқуқ ва моҳияти онҳо. Мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таркиби он. Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

Шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ. Мафҳум, таркиб ва намудҳои шуури ҳуқуқӣ. Маданияти ҳуқуқӣ.

Ҳуқуқ ва ахлоқ. Пайдоиши меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, аҳамияти онҳо. Робитаи ахлоқ бо ҳуқуқ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохт ва рукнҳои давлатдории он.

Давлатдории халқи тоҷик дар замони қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон. Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ташкилёбии Ҷумҳурии Соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва рушди он. Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сохтори конституцсионӣ ва рукнҳои давлатдории он. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Суруди миллӣ, Парчам, Нишон) ва дигар муқаддасоти миллӣ (забони давлатӣ, пули миллӣ).

Сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохти сиёсӣ. Тақсимоти ҳокимият ва сохти ҷумҳуриявӣ. Сохти иқтисодию иҷтимоӣ.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия. Салоҳияти Президент. Нақши Президент дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таъсис ва сохтори он. Вазоратҳо ва кумитаю мақомотҳои назди Ҳукумат. Салоҳияти Ҳукумат ва шаклҳои фаъолияти он. Нақши Ҳукумат дар ташаббуси қонунгузорӣ.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳокимияти қонунгузор ва мавқеи он дар таҷзияи ҳокимияти давлатӣ. Маҷлиси Олӣ. Меъёрҳои Конституцсионӣ. Маҷлиси миллӣ. Сохтори Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон.

Ҳокимияти судӣ. Мафҳум ва принсипҳои ҳокимияти судӣ ва адолати судӣ. Мустақилияти ҳокимияти судӣ. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Судҳои конституцсиоӣ ва ҳарбӣ.

Ҳокимияти маҳаллӣ. Мақомоти ҳокимияти намояндагӣ дар вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ноҳияҳо ва шаҳру шаҳракҳо. Тарзи ташкил, ваколат ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ. Салоҳиятҳои Маҷлиси вакилони халқ. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия. Функсияҳои асосии Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ.

Соҳаҳои ҳуқуқ.

Ҳуқуқи конституцсионӣ. Моҳияти ҳуқуқи конституцсионӣ. Мафҳуми Конституцсия, фарқи асосии он аз дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлили бобҳои Конституцсия. Санадҳои ҳуқуқӣ.

Ҳуқуқи интихоботӣ. Низоми интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои интихоб кардан ва интихоб шудан. Раъйпурсии умумихалқӣ. Фаъолияти комиссияҳои марказии интихоботӣ.

Ҳуқуқи шаҳрвандӣ (гражданӣ). Мафҳуми ҳуқуқи шаҳрвандӣ. Сарчашма ва принсипҳо. Мафҳуми шахси воқеӣ ва намудҳои он. Мафҳуми шахси юридикӣ ва намудҳои он. Ҳуқуқи моликият ва уҳдадориҳо. Мафҳум ва намудҳои аҳд. Шартнома ва намудҳои он.

Ҳуқуқи маъмурӣ. Мафҳум, сарчашма ва субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва роҳҳои пешгирии он. Ҷазои маъмурӣ ва намудҳои он.

Ҳуқуқи оилавӣ. Ҳуқуқи оилавӣ ва вазифаҳои он. Ҳуқуқи модар ва кӯдак ба ҳимоя. Ақди никоҳ. Шарт ва тартиби бастани он. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии ҳамсарон. Ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон ва фарзандон. Фарзандхонӣ. Васоят ва парасторӣ.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Мафҳум, вазифаҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ. Мафҳум ва нишонаҳои ҷиноят. Ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноят. Ҷазо ва намудҳои он. Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон.

Баъзе намудҳои ҷиноят ва ҷавобгарӣ барои онҳо. Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд. Иҷрои ҷазо (Ҳукм)

Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Мафҳум ва принсипҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ. Субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ. Мафҳум ва намудҳои биржа. Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. Соҳибкории инфиродӣ. Қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ. Ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.

Ҳуқуқи меҳнатӣ. Мафҳум, принсипҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ. Шартномаҳои меҳнатӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани он. Вақти корӣ ва намудҳои он. Вақти дамгирӣ ва намудҳои он. Музди кор. Муҳофизати меҳнат.

Ҳуқуқи молиявӣ. Мафҳум ва сарчашмаҳои ҳуқуқи молиявӣ. Буҷети давлатӣ.

Ҳуқуқи андоз. Мафҳум, принсип ва сарчашмаҳои ҳуқуқи андоз. Намудҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи андоз.

Ҳуқуқи кишоварзӣ. Мафҳуми ҳуқуқи кишоварзӣ. Принсип ва сарчашмаҳои он. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷоравӣ. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ.

Ҳуқуқи гумрукӣ. Мафҳуми ҳуқуқи гумрукӣ ва гумрук. Сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ. Усулҳои кори мақомоти гумрук.

Ҳуқуқи фарҳангӣ. Мафҳум ва соҳаҳои ҳуқуқи фарҳангӣ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи фарҳангӣ.

Таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мафҳуми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Иштироки аҳли ҷомеа дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Низоми судӣ ва Вазорати адлия. САҲШ ва идораҳои нотариалӣ.

Прокуратура. Милитсия ва Адвокатура.

Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон. Нақш ва вазифаҳои ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҳозира.

Пайдоиш, ташаккули ғоя (идеология)-и ҳуқуқи инсон.

Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули ғояи ҳуқуқи инсон. Роҳҳои мухталифи рушди ҳуқуқи инсон дар таърихи тамаддунҳо.

Ғояҳои ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ оид ба ҳуқуқи инсон.

Принсипҳои ҳуқуқи инсон. Таснифи ҳуқуқҳои инсон.

Мафҳуми маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон. Вазъияти фавқулода ва маҳдудсозии ҳуқуқи инсон **.** Мафҳуми маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Ҳуқуқҳои инсон. Сиёсат ва ахлоқ. Афзалияти ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсат. Арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқҳои инсон.

Ҳуқуқҳои инсон ва давлати ҳуқуқбунёд. Ҳуқуқҳои инсон ва давлати ҳуқуқбунёд. Мафҳум ва аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд.

Давлати иҷтимоӣ, мафҳум ва моҳияти он. Нақши ҳуқуқи инсон дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. Санадҳои байналхалқӣ.

Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаи асосии инсон ва шаҳрванд. Мақоми ҳуқуқи инсон. Мақоми ҳуқуқи шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душаҳрвандӣ. Мақоми ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бетабаа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ. Ҳуқуқ ба ҳаёт. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият. Ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ. Озодии виҷдон ва эътиқод. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ. Озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист.

Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ. Тавсифи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ. Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат.

Ҳуқуқи муттаҳидшавӣ. Ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта. Ҳуқуқи озодии сухан, матбуот ва истифодаи воситаҳои ахбор. Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомотҳои давлатӣ.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ. Тавсифи ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ. Ҳуқуқ ба моликият. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб. Ҳуқуқ ба истироҳат.

Ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ. Ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон. Ташкили оила. Ҳуқуқ ба манзил. Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ.

Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ. Тавсифи умумии ҳуқуқи фарҳангӣ. Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа. Ҳуқуқ ба таҳсил.

Вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд. Тавсифи умумии вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд. Риояи қонунҳо ва эҳтиромии ҳуқуқҳои инсон. Ҳифзи Ватан, давлат ва ҷомеа.

Вазифаи ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ. Пардохтани андоз ва боҷҳои муқарраркардаи қонун.

Ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои коррупсионӣ. Тавсифи коррупсия. Оқибатҳои коррупсия ва таъсири он ба амалишавии ҳуқуқҳои инсон. Чораҳои зиддиамалии коррупсия. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон. Мафҳуми механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон. Механизмҳои маъмурии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон. Механизмҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон.

Механизмҳои байналмиллалии ҳифзи ҳуқуқи инсон. Махсусият ва навъҳо. Мақомоти СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон.

Ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқҳои инсон. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ. Масъалаҳои глобалии ҷаҳони имрӯза. Ҷаҳонишавӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ифротгароӣ ва масъалаи ҳуқуқи инсон. Масъалаҳои экологӣ ва ҳуқуқи инсон. Ҳолати экологӣ дар Тоҷикистон. Қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи экологӣ. Демография ва ҳуқуқи инсон. Масъалаҳои нигоҳдории тандурустӣ ва ҳуқуқи инсон. ВИЧ СПИД. Масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои дастҷамъӣ дар ҷаҳон ва Тоҷикистон.

Фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон.

Фаъолияти созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ). Хазинаи СММ оид ба рушд ва манфиати занон (ЮНИФЕМ).

Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) ва Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ). Идораи Коммисари Олии СММ оид ба гурезаҳо. Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА). Фаъолияти САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх.

Ҳуқуқ ба ҳаёт. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба ҳаёт. Ҳукми қатл. Ҷонибдорон ва муқобилон.

Озодӣ аз шиканҷа. Муносибат ва ҷазои золимона. Мафҳуми шиканҷа. Муносибатҳои золимона ва ҷазо. Конвенсияи СММ ба муқобили шиканҷа ва ҷазои золимона.

Ҳуқуқҳои кӯдакон. Кӯдакон гурӯҳи ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак. Масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак. Ҳифзи кӯдак аз зӯроварӣ ва истисмор. Адолати судӣ нисбат ба ноболиғон. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон аз зӯроварӣ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ноболиғон.

Ҳуқуқҳои занон. Баробарӣ ва эҳтиромии байниҳамдигарии зан ва мард. Мақоми зан дар оила ва ҷомеа. Имтиёзҳо ва мушкилоти иҷтимоии модарон. Занон ва ҷомеаи Тоҷикистони муосир. Конвенсияи СММ ва қонунгузории Тоҷикистон оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон.

Ҳуқуқи ашхоси имконияташон маҳдуд ва пирон. Ашхоси имконияташон маҳдуд ва пирон – гурӯҳи иҷтимоии ба ҳимоя эҳтиёҷманд. Муқаррароти байналмилалӣ. Тавсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат. Масъалаи риояи ҳуқуқи

ашхоси имконияташон маҳдуд ва пирон дар Тоҷикистон. Мақсад ва вазифаҳои созмонҳои ашхоси имконияташон маҳдуд. Ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, имтиёзҳо ва афзалиятҳо. Эҳтиромӣ пиронсолон – қарз ва шаъну шарафи ҳар як инсон.

Ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ. Мафҳум ва моҳияти ақаллиятҳои миллӣ. Конвенсияи СММ оиди барҳам додани табъизи нажодӣ. Риояи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ.

Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ. Конвенсияи байналхалқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо.

Ҳуқуқҳои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбӣ. Моҳият ва мафҳуми «Гуреза», «Муҳоҷирони иҷбӣ». Стандартҳои байналмилалӣ. Конвенсияи СММ оид ба мақоми гурезаҳо. Мазмуни Конвенсияи СММ соли 1951. Масъалаҳои риояи ҳуқуқи муҳоҷирони иҷбӣ.

Ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ. Ҳуқуқи инсон ва қоидаи ҷанг. Ҳуқуқи башардӯстӣ. Ҳимояи аҳолӣ. Конвенсияҳои Женева. Протоколҳои иловагӣ. Масъалаҳои иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона.

Фарҳанги ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи маданият. Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқи инсон. Маданияти ҳуқуқии инсон. Тоқатпазирӣ – бидуни муколама ва зӯроварӣ. Тоқатпазирӣ аз назари ҳуқуқи байналмилалӣ. Фарҳанги пешбурди музокирот. СММ ва музокироти байни тоҷикон.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи башарӣ. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Предметные результаты, ориентированные на профильный уровень, предусматривают более глубокое освоение систематических знаний, присущих данным учебным дисциплинам и предполагают:

Натиҷаи дастовардҳои таълимии довталабон ба дониши ҳаматарафа ва амиқи тахассусии онҳо, ки ин фанҳои таълимӣ талаб менамоянд, вобаста аст. Аз ин рӯ, довталаб бояд:

донад:

- меъёрҳои Конституцияи Чумҳурии Тоҷикистон;
- меъёрҳои байналмилалӣ ва тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд;
- қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқиро, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон вобаста аст;

тавонад:

- ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрвандро муайян намояд.
- мафҳум ва истилоҳоти юридикиро дуруст истифода барад ва татбиқ намояд.

ШАРҲИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

Субтести ҳуқуқи инсон аз 25 саволу масъалаи навъи зерин иборат аст:

- **савол бо интихоби як ҷавоби дуруст.** *Барои ҳар саволу масъала чор варианти ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктоаш дуруст аст;*
- **муайян кардани мувофиқат.** *Дар чунин навъи масъала ба калима ва ҷумлаҳо, ки дар сутуни якум дода шудааст, аз сутуни дуюм ҷавоби мувофиқ ва дуруст (яке аз ҷавобҳои пешниҳодгардида зиёдатист) интихоб карда мешавад.*

Меъёри баҳо ба ҳар саволу масъалаи тест, вобаста ба навъи он, дар ҷадвали 1 дода шудааст.

Ҷадвали 1. Навъи саволу масъала ва меъёри баҳо

№ т/р	Навъи саволу масъалаи тест	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	1
2.	Муайян кардани мувофиқат	4

Ба ҳар ҷавоби дурусти саволҳои навъи якум (саволҳои 1 – 20) **1 хол** дода мешавад. Холи имконпазири ҳадди аксар барои пурра муайян намудани мувофиқати саволу масъалаҳои навъи дуюм (саволҳои 21 – 25) **4** аст.

Вобаста ба навъи саволу масъалаҳо ва меъёри баҳо миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва миқдори холи имконпазири ҳадди аксари субтести ҳуқуқи инсон дар ҷадвали 2 дода шудааст.

Ҷадвали 2. Миқдори саволу масъалаҳо, вақти иҷрои тест ва холи имконпазири ҳадди аксар

№ т/р	Фанни имтиҳон	Миқдори саволу масъала	Вақти иҷрои тест/дақиқа	Холи имконпазири ҳадди аксар
1.	Ҳуқуқи инсон	25 (20+5)	55	40

Вақти иҷрои тест ба дараҷаи душвории саволу масъалаҳо вобаста аст. Барои пурра ҷавоб гуфтан ба 25 саволу масъалаи субтести ҳуқуқи инсон 55 дақиқа муайян шудааст. Холи имконпазири ҳадди аксар 40 аст.

Дар ҷадвали 3 тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи навъи он дар таносуби фоиз нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3. Тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи фоиз

№ т/р	Навъи саволу масъала	Миқдори саволу масъала аз рӯйи фоиз
1.	Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст	$80 \pm 2\%$
2.	Муайян кардани мувофиқат	$20 \pm 2\%$

МУШАХХАСОТ (МАТРИТСА)-И ТЕСТИ ФАННИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Ҳар тест бо мақсадҳои муайян таҳия мегардад. Ҳамзамон бо муайян намудани мақсадҳо модел (қолаб)-и тест тартиб дода мешавад. Ин қолабро, ки дар намуди ҷадвал дода мешавад, матритсаи тест меноманд.

Матритсаи тест бахшҳои муҳимми мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталаб интихоб мегарданд, дар бар мегирад. Яъне вобаста ба мақсадҳо дар матритсаи тест ҳамаи бобҳо ва мавзӯъҳои муҳим нишон дода мешаванд. Саволу масъалаҳои тест низ танҳо дар доираи мавзӯъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд. Ин саволу масъалаҳо дар маҷмӯъ воситаи санҷиш (арзёбӣ)-и дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат) ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин матритсаи тест мувофиқати мавзӯъҳоро бо барномаи таълим ва таносуби дурусти дастовардҳои санҷидашавандаро таъмин менамояд.

Миқдори умумии саволу масъалаҳои тест вобаста ба мавзӯъҳо дар матритса тақсимбандӣ мешавад. Хусусияти хоси матритса ин аст, ки дар он на танҳо миқдори саволу масъалаҳои тест, инчунин миқдори хол ба ҳар саволу масъала, ки барои санҷиши дониш ва малакаю маҳорат пешинӣ гардидааст, дар таносуби фоиз ба нақша гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти мақсадҳои таълим (дастовардҳо: дониш ва малакаю маҳорат) ва ҷадвалҳои 1, 2 ва 3 матритсаи тести фанни ҳуқуқи инсон тартиб дода шуд.

№	Мавзӯъҳо	Дониш ва фаҳмиш	Малакаю маҳорат	% (*a*)
1.	Давлат ва ҳуқуқ Соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон			22 ± 2
2.	Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазифаҳои шаҳрвандони Тоҷикистон			40 ± 2
3.	Меъёрҳо ва воситаҳои байналхалқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон			38 ± 2
% (*b*)	**Ҳамагӣ**	50 ± 2	50 ± 2	100

КОРКАРДИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Ҷавоби саволу масъалаи тест дар варақаи ҷавобҳо бо аломати чорчиллик (×) нишонагузорӣ мешавад.

Варақаҳои ҷавобҳои тести довталаб, ки бо штрих-кодҳо рамзгузорӣ шудааст, бо истифодаи воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ (таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти махсус) коркард мешаванд.

Барои ҳар субтест вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест миқдори максималии хол муайян шудааст. Чунон ки қайд шуд, ба довталаб барои пурра иҷро намудани субтести ҳуқуқи инсон ҳадди аксар 40 хол дода мешавад.

Пас аз коркарди варақаҳои ҷавобҳои довталаб бо истифода аз алгоритм ва барномаи компютерии мувофиқ холҳои ӯ аз ҳар субтест алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Азбаски дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифодаи шкалабандии холҳо ба роҳ монда шудааст, холҳои довталаб аз ҳар субтест ба баллҳо баргардонида мешавад. Шкалабандӣ бо истифода аз усули протсентилҳо (ченаки ҷойгиршавии довталабон ё тақсимоти онҳо нисбат ба якдигар) иҷро мешавад. Тибқи тартиби шкалабандӣ барои ҳар субтест балли максималӣ муайян шудааст.

Балли умумии довталаб бо ҷамъи баллҳои ҳар субтест ҳисоб карда мешавад.

Барои ин ки довталаб дар озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ иштирок намояд, ӯро лозим меояд, ки аз ҳар субтест **холи гузаришро** соҳиб шавад. Холҳои гузаришро барои ҳар субтест ҳар сол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ менамояд.

НАМУНАИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲОИ ТЕСТ

Намунаи варақаи ҷавобҳои тести имтиҳони қисми Б (ихтисосҳои гурӯҳи 4-ум), ки субтестҳои таърих (таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ), ҳуқуқи инсон ва забони хориҷӣ (англисӣ/немисӣ/франсавӣ/арабӣ)-ро дар бар мегирад, чунин аст:



Аз ин намунаи варақаи ҷавобҳо субтести **ҳуқуқи инсон** ба таври алоҳида аз рӯйи миқдор ва навъи саволу масъалаҳо чунин ба назар мерасад**:**

ҲУҚУҚИ ИНСОН / ПРАВА ЧЕЛОВЕКА